Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

№19 (1168)

Панҷшанбе,
9 майи соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

# Боҷу хироҷ

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Таъмини риояи қонунгузории андоз

Сабабҳои ба қонунвайронкунӣ роҳ додани баъзе соҳибкорон



9 МАЙ - РӮЗИ ҒАЛАБА



## Арсаи садоқату мардонагӣ

АЗ РӮЗИ ХОМӮШ ШУДАНИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН ВА ҒАЛАБА ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ 74 СОЛ ГУЗАШТ

с. 8

ПРЕЗИДЕНТ



**Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон**

с. 2

ҚОНУН ВА АНДОЗ

**Таҳлили нишондиҳандаҳо**

Фаъолият бояд дар доираи талаботи қонун ба роҳ монда шавад

с. 3

ТАҲЛИЛ

**Ҳолати иҷорадиҳандагони молу мулк**

Сарчашмаҳои иловагии ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ

с. 4

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

**Самти афзалиятнок**

Хизматрасонии Бахши иттилоотии Кумитаи андоз ба андозсупорандагон

с. 7

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

**Ба андозбандӣ ҷалб намудани ширкатҳои нақлиётӣ**

Ба андозбандӣ ҷалб намудани ширкатҳое, ки ба хизматрасонии нақлиётӣ, воридоти молу маҳсулот аз хориҷи кишвар машғуланд

с. 10

ХИЗМАТРАСОНӢ

**Воситаи пешгирикунандаи қонуншиканӣ**

Сабабҳои нофаҳмии байнии харидор ва фурӯшанда

с. 11

# Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон



**Ҳамватанони азиз!**

Фардо барои мусулмонони ҷаҳон моҳи шарифи Рамазон фаро мерасад. Ба ин муносибат мардуми шарифи Тоҷикистонро самимона табрик мегӯям.

Рамазон дар ҳаёти мусулмонон айёми озмоиши ирода, сабру таҳаммул ва ба камол расонидани дигар хислатҳои неки инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз ҳикматҳои аслии моҳи шарифи Рамазон дар он ифода меёбад, ки инсон бо эҳсоси гуруснагиву ташнагӣ аз ҳолати ятимону маъюбон, беморону эҳтиёҷмандон ва шахсони камбизоат бештар огоҳ мегардад ва барои осон намудани мушкилоти онҳо мувофиқи имконияту тавони худ дасти кумак дароз мекунад.

Яъне рӯзадорӣ дар табиати одамон, пеш аз ҳама, пок нигоҳ доштани дилу забон, зоҳиру ботин, бо муомилаи неку меҳрубонӣ ба ҷо овардани иззати инсон ва раҳму шафқатро бедор месозад.

Мардуми мусулмони мо дар ин моҳи муборак ба аёдати падару модарон ва беморону камбизоатҳо мераванд, ба ятимону маъюбон ва шахсони эҳтиёҷманд кумак мерасонанд, то ки бо чунин аъмоли хайрхоҳона соҳиби савоби бештар гарданд.

Парҳезкорӣ ва лутфу эҳсон ба аҳли хонадон, хешу табор ва ҳамсояҳову ёру дӯстон, худдорӣ кардан аз амалҳои ношоиста, иҷрои корҳои хайру савоб ва арзишҳои дигаре ҳастанд, ки риояи онҳо дар ин моҳи муборак ба мусулмонон воҷиб дониста шудааст.

Фазилати дигари моҳи рамазон дар ботини ҳар як мусулмон ташаккул додани хислати ҷавонмардӣ ва саховатмандӣ мебошад.

Тибқи сарчашмаҳои муътамад саховатмандиву ҷавонмардӣ ва ғамхориву дилсӯзии Расули акрам дар моҳи шарифи рамазон дучанд мешудааст.

Дар баробари ин, додани садақаи фитр ва умуман, ҳама гуна хайроту садақа дар моҳи шарифи Рамазон ҳамчун яке аз воҷиботи дини мубини ислом ба шумор меравад.

Дар ояти 60 сураи "Тавба" ба таври равшану возеҳ ба кадом табақаи одамон додани садақа баён шудааст.

Садақаи фитр ва хайрот, пеш аз ҳама, ба наздикон, хешу табори камбизоату муҳтоҷ, табақаҳои ниёзманди ҷомеа, яъне ятимону маъюбон, шахсони бесаробон ва оилаҳои камбизоат аз ҳисоби заҳмати ҳалол ва бо дасту қалби пок дода мешавад.

Дар ин раванд, бояд донист, ки ҳама гуна рафтори хусусияти зоҳирпарастӣ, худнамоӣ ва исрофкоридошта ҳеҷ маънӣ надорад.

Ҳамчунин, ҳар як фарди муъмин бояд дар хотир дошта бошад, ки дар моҳи шарифи Рамазон амалҳои неку писандида, аз ҷумла хайроту садақа на ба хотири зоҳирпарастӣ, намоишкорӣ, исрофкорӣ ва худро аз дигарон болову беҳтар нишон додан, балки барои ба даст овардани хушнудии Худованд анҷом дода мешаванд.

Тибқи оятҳои қуръонӣ "беҳтарини бандагон дар назди Худо парҳезгортарини онҳоянд".

Мардуми шарифи мо хуб медонанд, ки ба рӯҳу арвоҳи гузаштаҳо танҳо савоби дуо ва қироати каломи раббонӣ мерасад.

Яъне худдорӣ кардан аз зоҳирпарастиву исрофкорӣ ва оростани дасторхони серхарҷ аз аъмоли воҷиби дини мубини ислом шуморида мешавад.

Дар ин бобат дар сураи "Исро"- и каломи осмонӣ омадааст: -"Ва ҳеҷ гоҳ исроф макун! Ба дурустӣ, ки исрофкорон бародарони шайтонҳоянд ва шайтон нисбат ба Парвардигори худ носипос аст".

Вале то ҳанӯз ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ин фармудаҳои Худованд ва ҳамчунин, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" дар ҷомеаи мо аз ҷониби баъзе ашхос иҷро намегарданд ва чунин шахсон бо оростани дасторхони пурдабдабаву намоишкорона меъёрҳои зикршударо дағалона поймол мекунанд.

Вобаста ба моҳи муборакі Рамазон таъкиди як масъалаи дигарро зарур мешуморам, ки дар фиқҳи ҳанафӣ барои мусулмонон, аз ҷумла ба занони ҳомила ва кӯдаки ширхӯрдошта, мусофирон, беморон ва барҷомондагон сабукиҳо муқаррар шудаанд.

Дар ояти 195 сураи «Бақара» омадааст, ки «… Хештанро бо дастҳои худ ба вартаи ҳалокат наафканед».

Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки моҳи Рамазон имсол низ ба фасли гармо баробар меояд.

Шахсоне, ки бо корҳои саҳрой ва дигар навъҳои меҳнати вазнин машғуланд, дар сурати доштани рӯза ба машаққати сахт гирифтор мешаванд ё ҳатто саломатии онҳо зарар мебинад.

Агар ризқу рӯзии бо заҳмат парваришкардаи марди деҳқон дар вақташ ҷамъоварӣ нашавад, чунин амал боиси ба мушкилоту сахтӣ рӯ ба рӯ шудани рӯзгори мардум, яъне қимат шудани маҳсулот ва ҳатто гуруснагӣ мегардад. Чунонки дар осори донишмандони фиқҳи ҳанафӣ зикр шудааст, шахсоне, ки ба корҳои вазнин машғуланд, аз ҷумла кишоварзон ва коргарони коргоҳу корхонаҳо рӯза нагирифтанашон мумкин аст.

Гурӯҳҳои зикршудаи мусулмонон метавонанд дар дигар вақти бароящон мусоид рӯза гиранд.

Дар сураи «Нисо»-и Қуръони маҷид ба ин маънӣ таъкид шудааст: -«Ва хештанро макушед. Ба дурустӣ, ки Худо ба шумо меҳрубон аст».

Вазъи ҷаҳони муосир, махсусан, баъзе кишварҳои мусулмонӣ сол ба сол ноором гардида, низоъҳои байнимазҳабӣ торафт тезутунд шуда истодаанд, ки мавҷи онҳо метавонад сарҳади давлатҳои орому осударо убур карда, вазъи дохилии онҳоро низ бесубот гардонад.

Ҳамзамон бо ин, хусусан, солҳои охир раванди сиёсӣ сохтани ислом вусъати хатарнок гирифта, ҳар рӯз боиси қатлу куштори ҳазорон нафар аҳолии осоишта ва бе хонаву ҷой мондани миллионҳо нафари дигар шуда истодааст.

Аксари гурӯҳҳои ифротӣ аъмоли нангини худро таҳти ниқоби ислом содир мекунанд, ҳол он ки дини ислом аслан ва моҳиятан зидди ифротгароиву хушунат ва қатлу куштор буда, баръакс, одамонро ба инсондӯстӣ ва корҳои нек ҳидоят менамояд.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки ҳадафи асосии равияҳои ифротиро ба мардум, хусусан, ба наврасону ҷавонон фаҳмонем ва нагузорем, ки дар ҷомеа андешаҳои ба мафкураи мо бегона нуфуз пайдо кунанд.

Дар раванди таълиму тарбияи ҷавонон, бахусус, ба масъалаҳои дӯст доштани Ватан, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва таъриху фарҳанги пурғановати халқамон, инчунин, пос доштани иззату ҳурмати падару модар ва калонсолон бояд эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Мо бояд шукрона кунем, ки давлати озоду Ватани обод дорем ва аз баракати сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ дар фазои осуда зиндагӣ мекунем.

Тавре, ки борҳо иброз дошта будам, дар зиндагии ҳаррӯза имконияти савобгирӣ хеле зиёд аст.

Вале тибқи мушоҳидаҳо баъзе тоҷирон дар арафаи моҳи Рамазон ва идҳо нархи маҳсулоти озуқаро ба хотири даромади муфт ва беасос баланд мебардоранд ва бо чунин кирдори худ, аз як тараф, боиси озурдахотирии ҳамватанони мусулмони хеш мегарданд ва аз тарафи дигар, худашон ва аҳли хонаводаашонро аз савоби ин моҳи шариф маҳрум месозанд.

Дар ҳадисҳои Пайғамбари ислом оқибати чунин рафтор таъкид шудааст: — "Ҳар кӣ нархро арзон карда, мардумро ба худ ҷалб менамояд, ризқаш афзун мешавад. Ва ҳар ки нархро боло мебарад, ӯ шармсор мегардад".

Ё дар ҳадиси дигар чунин омадааст: "Тоҷири қиматфурӯш ва шахси худкушикарда дар як дараҷа қарор мегиранд. Зеро ҳар ки дар коре аз нархгузории рӯзгори мусулмонон, яъне боло бурдани нархи молҳо бар онҳо дахолат кунад, пас донист бошад, ки Худованд ӯро рӯзи қиёмат дар оташи сӯзон қарор медиҳад".

Вақтҳои охир як қисми ҳамватанони мо маблағҳои ба нияти ҳаҷ ҷамъовардаашонро барои корҳои хайр, аз ҷумла бунёди мактабу марказҳои саломатӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, таъмири роҳу пулҳо, кашидани хатти оби нӯшокӣ ба маҳалли зисти худ, тармиму обод кардани манзили зисти хеш ё шахсони камбизоат сарф карда истодаанд, ки ин амал, албатта, боиси дастгириву таҳсин мебошад.

Тибқи таълимоти ислом чунин корҳо савоби ҳаҷи қабул ё мебошад, ки аз баракати он худи шахсони хайрхоҳу ҳимматбаланд ва аҳли хонадони онҳо ба таври доимӣ баҳравар мегарданд.

Бовар дорам, ки чунин раванди неку созанда дар доираи омодагӣ ба сисолагии Истиқлолияти Тоҷикистони азизамон вусъати бештар пайдо мекунад ва мо ин ҷашни бузурги миллиамонро дар шароити орому осудаи Ватанамон ва зиндагии аз имрӯза хеле беҳтари халқамон истиқбол мегирем.

Бори дигар фаро расидани моҳи шарифи Рамазонро ба мардуми шарафманди кишварамон табрик гуфта, барои ҳар як сокини мамлакат хонаи обод, ризқу рӯзии фаровон, тандурустӣ, фароҳдастиву имони комил ва саодати рӯзгорро орзу менамоям.

**Фарорасии моҳи шарифи Рамазон муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# Таҳлили нишондиҳандаҳо

**Ҳама гуна фаъолият, аз ҷумла фаъолияти соҳибкориву тиҷоратӣ дар шаклу намудҳои гуногун дар доираи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ бояд ба роҳ монда шавад. Зимни пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, ки яке аз аз бахшҳои воқеии иқтисодиёт ба шумор меравад, дар баробари талаботи дигар, соҳибкор бояд аз мақомоти андоз ҳуҷҷати тасдиқкунанда дошта бошад ва дар доираи талаботу ӯҳдадориҳои Кодекси андоз фаъолият намояд. Яке аз ҳуҷҷатҳои ҳатмӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ патент ба ҳисоб меравад.**

Мутахассисони Кумитаи андоз дар доираи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда» ва дуруст ба роҳ мондани тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродӣ як қатор тадбирҳои заруриро ба анҷом расонидаанд.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташкили махзани ягонаи маълумот дар самти андозбандии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, барномаи алоҳидаи компютериро таҳия ва дар мақомоти ҳудудии андоз пурра мавриди истифода қарор додааст.

Қайд кардан бамаврид аст, тибқи барномаи таҳиягардида, маблағҳои устувори патент ҳар моҳ ба таври автоматӣ ҳисоб гардида, ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда низ аз ҳисоби ин соҳибкорон ба ҳисобвараҷаи онҳо сабт мешавад, ки зарурати дубора ба мақомоти андоз ҳозир гардидани соҳибкоронро аз байн мебарад.

Ба иттилои сардори шуъбаи ташкили андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсуси амволи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ба ҳолати 1 январи соли 2015 дар миқёси ҷумҳурӣ 82991 ададро ташкил медод. Ин нишондод ба ҳолати 1 январи соли 2019 ба 101447 адад баробар гардидааст, ки нисбат ба маълумоти аввали давраи соли 2015, дар маҷмӯъ, 18456 адад ё худ 22,2 фоиз зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи маблағҳои ҳисобшудаи соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда дар 3 моҳи соли 2019 ба 50,6 млн. сомонӣ баробар буда, нисбат ба семоҳаи якуми соли 2018 ба андозаи 4,2 млн. сомонӣ ё 8,3 фоиз зиёд мебошад. Ин нишондиханда соли 2015 нисбат ба соли 2014 дар ҳаҷми 153 фоиз, дар соли 2016 нисбат ба соли 2015 дар ҳаҷми 124,0 фоиз, дар соли 2017 нисбат ба соли 2016 ва дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 мутаносибан дар ҳаҷмҳои 99,7 ва 109,1 фоиз афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаи афзоиши маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2014, дар маҷмӯъ, ба андозаи 166,6 фоиз афзудааст.

Собирҷон Исоев ба ин бовар аст, ки сабабҳои коҳиш ёфтани маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент амалкунанда дар соли 2017 нисбат ба соли 2016 бо дарназардошти ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур аз 25.01.2017, №45 мебошад. Яъне тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда, ба қарори зикргардида як қатор номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории дар бандҳои 11, 37, 41, 43, 48 ва 49 пешбинишуда, пурра аз рӯйхати намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ хориҷ гардида, аз андозбандӣ озод шудаанд. Ҳамзамон, тибқи тағйироти воридшуда, маблағи патент аз рӯи гурӯҳҳои 9 ва 10, ки зиёда аз 70 фоизи шумораи умумии соҳибкоронро ташкил медод, нисбатан камтар (ба ҳисоби миёна то 20 фоиз) пешбинӣ шуданд.

Дар ин баробар, бо мақсади дастгирии соҳибкорони инфиродӣ индексатсияи маблағҳои патент, ки тибқи қарори мазкур бояд ҳар сол вобаста ба сатҳи таваррум зиёд мешуд, дар давраи солҳои 2017 ва 2018 мувофиқи тағйироти воридшуда, боздошта шуд, ки омили мазкур то як андоза ба кам ҳисоб шудани маблағи андозҳо таъсири манфии худро низ гузошт.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар давраи солҳои 2014-2018 ба ҳисоби миёна воридоти андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, дар маҷмӯъ, дар ҳаҷми 126,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Яъне, агар нишондиҳандаҳои нақшавӣ барои давраи соли 2014 дар мақомоти ҳудудии андоз 149,2 млн. сомониро ташкил медод, пас ин нишондод дар соли 2018 ба 231,7 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба воридоти андозҳо дар соли 2014 ба маблағи 82,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Масъалаи дигари ташвишовар ин афзоиши бақияпулиҳои андоз ва шумораи қарздорон ба ҳисоб меравад. Мутобиқи маълумоти барномаи компютерии СИА "Баҳисобгирии андозҳо- Патент" дар ҷумҳурӣ (бе дарназардошти ВМКБ) ба ҳолати 01.04.2019 маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент (бе дарназардошти изофапулиҳо) ба 45,6 млн. сомонӣ баробар буда, шумораи қарздорон мутаносибан 32995 адад ё худ 32,1 фоизро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда дар ин самт муайян намуд, ки шумораи қарздорон дар семоҳаи якуми соли 2018 нисбат ба давраи солҳои 2015 - 2018 мутаносибан 6938 - 12282 адад кам гардида бошад ҳам, вале афзоиши маблағи қарзи андозҳо ба назар мерасад.

Яке аз сабабҳои афзоиши бақияпулиҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда дар мақомоти ҳудудии андоз ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур ба ҳисоб меравад. Яъне бо дарназардошти дар таҳрири нав қабул гардидани номгӯи намудҳои фаъолияти дар гурӯҳҳои 9 ва 10 пешбинигардида, ки гурӯҳи фаъолияти худро ба номгӯи нав мутобиқ накардаанд ва бо дарназардошти пурра аз номгӯи намудҳои фаъолият хориҷ гардидани намудҳои фаъолияти дар бандҳои 37, 41, 43 ва 48 сабабҳои асосии ба миён омадани бақияпулиҳо аз ин ҳисоб гардидааст.

Тибқи маълумот ба ҳолати 01.04.2019 дар мақомоти ҳудудии андоз шумораи соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд, 2535 ададро ташкил намуда, маблағи бақияпулиҳои он ҳар моҳ ба ҳисоби миёна ба 529,8 ҳазор сомонӣ меафзояд, ки ҳаҷми бақияпулиҳои бавуҷудомада, дар давоми солҳои 2017-2019 мутаносибан ба 14,3 млн. сомонӣ баробар гардидааст. Яъне, танҳо аз ҳисоби соҳибкорони бефаъолияте, ки гурӯҳи фаъолияти худро ба талаботи қарори мазкур мутобиқ накардаанд, дар як моҳ 529,8 ҳазор сомонӣ ва аз лаҳзаи тағйирот то инҷониб бақияпулиҳои бавуҷудомада аз ҳисоби субъектҳои мазкур ба 14,3 млн. сомонӣ баробар мегардад, ки ин 31,3 фоизи маблағи умумии бақияпулиҳоро ташкил медиҳад. Таҳлилҳои гузаронидашуда дар фаъолияти дигар гурӯҳи андозсупорандагон нишон дод, ки ҳиссаи калони маблағи бақияпулиҳои андозӣ аз ҳисоби соҳибкороне, ки ба хизматрасонии нақлиётӣ машғуланд, ба ҳисоб меравад.

Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳудудии андоз бо дарназардошти мушкилиҳои ҷойдошта барои давра ба давра кам намудани ҳаҷми бақияпулиҳои андозӣ ва таъмини гузариши андозсупорандагон чораҳои иловагӣ андешида, талош дорад, ки дар доираи рушди маъмурикунонии андоз, соҳибкорони бо патент фаъолияткунандаро дар самти зарурӣ ба роҳ монанд. Ҷиҳати пурра рӯёнидани маблағҳои ҳисобшавандаи патент ва рӯёнидани бақияпулиҳо аз ин ҳисоб ҳам тадбирҳои судманд андешида мешавад. Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, бо дарки баланди масъулият фаъолият намуда, барои пардохти сариваҷтии маблағи андоз, ганӣ гардонидани буҷети мамлакат ва дар маҷмӯъ, рушди иқтисодиёти кишвар саҳм гузоранд.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

# «Як камарбанд, як роҳ»

**Рӯзҳои 25-27 апрели соли 2019 дар пойтахти Ҷумҳурии Мардумии Чин - шаҳри Пекин дуюмин Форуми сатҳи баланд Ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» баргузор гардид, ки дар он сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои 40 кишвари олам, инчунин роҳбарони ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, иштирок карданд.**



Дар рафти Форум Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони як қатор давлатҳо мулоқот намуда, дар ҷараёни вохӯриҳо масъалаҳои рушди робитаҳо дар бахшҳои сиёсию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангию гуманитариро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар Форуми сатҳи баланд Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим ба ҳайси иштирокчии зерфоруми "Тиҷорати бемамоният" ширкат варзид.

Дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» санаи 18-20 апрели соли 2019 дар шаҳри Учжени Ҷумҳурии Мардумии Чин, ҳамчунин, Аввалин Форуми ҳамкории маъмурияти андоз дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» баргузор гардид, ки ҷониби Тоҷикистонро дар Форуми ҳамкории маъмурияти андоз Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим намояндагӣ намуд.

18 апрели соли 2019 намояндагони 34 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон Ёддошти тафоҳумро "Оид ба механизми ҳамкориҳо дар соҳаи маъмурикунонии андоз" ба имзо расониданд.

Механизм ба ташкили ҳамкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар самти андозбандӣ, танзими баҳсҳои андозӣ, беҳтар намудани маъмурикунонӣ бо ёрии мубодилаи таҷрибаи маъмурикунонии андоз, пешгирӣ намудани пинҳонкунии манбаъҳои андозбандӣ ва фоидаи андозбандишаванда (нақшаи BEPS), амалигардонии мубодилаи автоматии маълумоти молиявӣ (AEOI) тибқи стандартҳои байналмилалӣ равона шудааст.

Механизми ҳамкориҳо дар соҳаи маъмурикунонии андоз дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» механизми ғайритиҷоратии байниҳукуматӣ буда, аз Шӯро, Котибот, Форум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи андоз, Иттиҳод оид ба мусоидат ба назорати андозбандӣ, инчунин Кумитаи коршиносӣ – машваратӣ иборат мебошад.

Дар рафти Форуми ҳамкории маъмурияти андоз Раиси Шӯро - Комиссари Мақомоти давлатии андози Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван Тсзюн тайъин шуда, ҳамзамон муовини Раиси Шӯро, шахсони масъули Котибот ва Раиси Иттиҳод интихоб гардиданд. 34 давлат ба ҳайси аъзои Шӯро, 22 мақомоти андоз ва созмонҳои байналмилалии механизм ба ҳайси нозир ва 11 мутахассиони варзида ба ҳайати Кумитаи коршиносӣ – машваратӣ дохил шуданд.

Форуми ҳамкории маъмурияти андоз намояндагони мақомоти андози 85 кишвар, 16 созмони байналмилалӣ, инчунин намояндагони доираҳои соҳибкорӣ ва илмиро ба ҳам гирд овард.

**Искандар НЕЪМАТЗОДА,**
**мутахассиси Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Ҳолати иҷорадиҳандагони молу мулк



**Яке аз сарчашмаҳои иловагии ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва таъмини иҷрои нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба андозбандӣ ҷалб кардани соҳибмулконе, ки молу мулки манқул ва ғайриманқули худро ба иҷора медиҳанд, мебошад.**

Вобаста ба ин, сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев гуфт, ки таҳлил ва натиҷагирии ҳисоботи ҷамъбастӣ дар ин самт нишон дод, ки фаъолияти як қатор шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз ба талабот ҷавобгӯ нест ва на ҳамаи объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд пурра ба андозбандӣ ҷалб гардидаанд.

Тибқи иттилои номбурда ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 15714 нафар шахси воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, масоҳати умумии объектҳои ба иҷора додашуда 2026,5 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад, ки маблағи умумии иҷорапулии шахсони воқеӣ ба 276,2 млн. сомонӣ баробар мебошад. Аз маблағи умумии шартномаҳои баимзорасида дар фаъолияти шахсони воқеӣ ба маблағи 30,1 млн. сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб шуда, дар ин давра пардохти 16,2 млн. сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Бо мақсади назорати минбаъда ҷиҳати сари вақт ва дуруст ба буҷет ворид шудани маблағи андоз аз даромад аз ҳисоби иҷорадиҳандагони молу мулк тибқи Фармоиши Кумитаи андоз аз 28.01.2019, №36 дар мақомоти ҳудудии андоз нақшаи воридоти андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҳисоби иҷораи молу мулк барои соли 2019 тасдиқ гардид. Тибқи маълумоти ҷамъбастӣ нишондиҳандаи рафти иҷрои нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар 3 моҳи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ ба андозаи 101,5 фоиз таъмин гардидааст, ки аз нақша 238,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи рафти иҷрои нақшаи пешбинишуда дар ин давра аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 106,5 фоиз, вилояти Хатлон 63,4 фоиз, вилояти Суғд 115,4 фоиз, шаҳри Душанбе 109,3 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, ба андозаи 71,0 фоиз таъмин гардидааст.

Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул, пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки манқул ва ғайриманқули аз ҷониби шахсони воқеӣ ба иҷорадодашуда, инчунин, оид ба сари вақт ва дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ кардани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад, дар мақомоти ҳудудии андоз барномаи алоҳидаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифтааст.

- Бо дарназардошти тағйир ёфтани иҷорагирандагон, маблағи иҷорапулӣ, масоҳати объекти ба иҷорадодашуда мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки шартномаҳои иҷорадиҳандагони молу мулкро ҳамасола ба махзани маълумоти барномаи комютерӣ дохил намоянд, инчунин, маълумоти иҷорадиҳандагон дар ин самт мунтазам нав карда шаванд, - таъкид кард С. Исоев.

Ба ҳолати 1 апрели соли 2019 аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони дар қайди мақомоти андозбуда (15716 адад), дар моҳҳои январ ва марти соли 2019 маълумоти 2113 адад ё 13,4 фоизи иҷорадиҳандагон ба махзани маълумот ворид шудааст, ки нуқтаҳои ба иҷорадодаи онҳо, дар маҷмӯъ, 3091 ададро ташкил медиҳад.

Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 156 Кодекси андоз шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, ӯҳдадор мебошанд, ки эъломияро оид ба андоз аз даромад ҳар сол то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд. Аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони молу мулк (15716) танҳо 1351 адад дар 12 моҳи соли 2018 ба қайд гирифта шудаанд ва бояд гуфт, ки ӯҳдадории пешниҳоди эъломияҳои андоз аз даромад барои субъектҳои мазкур санаи 1 январи соли 2019 фаро расидааст.

Таҳлили мақомоти ҳудудии андоз нишон медиҳад, ки дар ин давра барои дар мӯҳлати муқарраршудаи қонунгузорӣ пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромади шахсони воқеӣ нисбати 320 нафар шахси воқеӣ дар асоси талаботи моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 38141,6 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъин шудааст. Дар давоми соли 2019 барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз аз даромад барои соли 2018 нисбати иҷорадиҳандагони молу мулк аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе 162 адад, вилояти Суғд 61 адад, вилояти Хатлон 43 адад ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 54 адад иҷорадиҳандае, ки эъломияҳои андозии худро пешниҳод накардаанд, протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ гардидаанд.

Бақайдгирии иҷорадиҳандагони молу мулк бо дарназардошти зичии аҳолӣ ва шумораи андозсупорандагони бақайдгирифташуда дар нуқтаҳои савдо ва хизматарсонӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Айнӣ, Зафаробод, Мастчоҳ, Спитамен, Шаҳристон, Истиқлол, Бохтар, Носири Хусрав, Панҷ, Ҳамадонӣ, Темурмалик, Ховалинг, Хуросон, Данғара, Левакант, Ҷалолиддини Балхӣ, Ванҷ, Рушон, Роштқалъа, Ишкошим, Варзоб, Рашт, Тоҷикобод ва Файзобод нокифоя мебошад.

Қобили зикр аст, ки бо дарназардошти мавриди истифода қарор додани барномаи алоҳидаи компютерӣ вобаста ба баҳисобгирии шахсони воқеие, ки ба фаъолияти иҷорадиҳии молу мулк машғул мебошанд, маъмурикунонии он дар мақомоти андоз то дараҷае беҳтар шудаю дар ин самт махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк таҳия гардидааст.

Ҷуноне аз таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи таъиноти объектҳои ба иҷорадодашуда бармеояд, дар ҷумҳурӣ 440 адад объект ҳамчун хонаи истиқоматӣ, 2205 адад ҳамчун нуқтаи тиҷоратӣ ва 446 адад ҳамчун дигар объектҳои молу мулк аз тарафи шахсони воқеӣ ба иҷора дода шуда, шумораи умумии нуқтаҳои ба иҷорадодашуда, дар маҷмӯъ, 3091 ададро ташкил медиҳад. Маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба 1 метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои ба иҷорадодашуда дар ҷумҳурӣ ба 12,9 сомонӣ баробар мебошад. Нишондиҳандаи маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба як метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои ба иҷорадодашуда дар ВМКБ ба 2,6 сомонӣ, вилояти Суғд 4,2 сомонӣ, вилояти Хатлон 5,0 сомонӣ, шаҳри Душанбе 31,2 сомонӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, ба 11,1 сомонӣ баробар шудааст.

Ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани назорат ва ташкили махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк ва назорати минбаъда, - мегӯяд Собирҷон Исоев, - мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки бақайдгирӣ ва аз қайдбарории пурраи иҷорадиҳандагони молу мулкро тибқи барномаи компютерии СИА «Доир ба маъмурикунонии андозҳо» ба роҳ монда, воридоти маблағи андозҳоро аз ин ҳисоб зери назорат қарор диҳанд. Барои таъмини пурраи эъломияҳои шахсони воқеие, ки молу мулки худро ба иҷора додаанд, чораҳои иловагӣ андешида, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиро миёни шаҳрвандон ба соҳибмулкон тақвият бахшанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Андоз - омили рушд

**Ба иттилои муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Абдурозиқ Солеҳзода дар се моҳи аввали соли равон нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 100,4 фоиз таъмин гардид. Ба ҷои 336 миллиону 633,4 ҳазор сомонии пешбинишуда 337 миллиону 812,3 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 1,2 миллион сомонӣ зиёд мебошад.**



Иҷрои нақшаи андозҳоро бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ноҳияҳои Вахш 97%, Абдураҳмони Ҷомӣ 80%, Панҷ 95%, Ёвон 91%, Ҳамадонӣ 89% ва Фархор 88% нақшаро иҷро карданд, ки аз нақшаи пешбинишуда 9,5 млн. сомонӣ кам мебошад. Нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ ба андозаи 97% таъмин шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 2,5 млн. сомонӣ кам аст.

Омӯзиши нишондиҳандаҳои махзани маълумоти барномаи компютерӣ нишон дод, ки давоми се моҳи аввали соли 2019 амалиёти андозибандишавандаи андоз аз арзиши иловашуда дар миқёси вилояти Хатлон ба 1022,3 млн. сомонӣ баробар мебошад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 106,9 миллион сомонӣ зиёд гардидааст.

Абдурозиқ Солеҳзода изҳор дошт, ки дар таъмини босифати андозҳо аз имкониятҳои мавҷуда истифода мекунем ва бо андозсупорандагон бештар корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ мемонем.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

**17 апрели соли равон дар ҷаласаи навбатии ситоди доимоамалкунандаи барҳамдиҳии бақияи қарзи андози мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ масъалаи дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорон ва кам кардани бақияи қарзи андоз дар ноҳия мавриди муҳокима қарор гирифт. Раиси ноҳия Рустам Акрамзода қайд кард, ки дар ноҳия барои фароҳам овардани фазои мусоиди иқтисодӣ ва рушди соҳибкориву сармоягузорӣ тамоми имкониятҳо мавҷуданд. Вале бинобар бемасъулиятӣ зоҳир намудани баъзе сарварони корхонаву ширкатҳо нисбати вазифаҳои бардӯшдоштаашон қарзҳои андоз афзоиш меёбанд, ки ин боиси нигаронист. Таъкид шуд, ки ба масъалаи мазкур ҷиддитар муносибат карда, бахри барҳамдиҳии бақияпулиҳои андоз чораҳои мушаххас андешида шавад.**

# Қарзи андоз коҳиш меёбад

Вобаста ба ин, фаъолияти мақомоти андоз ҳамаҷониба таҳлил шуда, сардорони бахшу шуъбаҳо ва нозирони минтақавӣ вазифадор гардиданд, ки дар байни андозсупорандагон корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро пурзӯр карда, маблағи бақияи қарзи андозро ба андозаи на камтар аз 20 фоиз барҳам диҳанд. Ба ҷуз ин дар назди мақомоти ҳудудии андоз гурӯҳи махсуси барҳамдиҳии қарзи андоз таъсис ёфта, нозирони минтақавии шуъбаҳои хизматрасонии шахсони ҳуқуқию инфиродӣ, шуъбаи баҳисобгирии андозу пардохтҳо ва коркарди эъломияҳои андоз ба он шомил гардиданд ва назорати он ба зиммаи мудири бахши ситонидани қарзи андозҳо Абдулвоҳид Оев вогузор шуд.



Чуноне аз суҳбат бо сардори Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ Амирхон Одиназода маълум гардид, тадбирҳои андешидашуда дар самти барҳамдиҳии бақияи қарзи андоз натиҷаҳои дилхоҳ дода истодаанд. Ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар ноҳия маблағи умумии бақияи қарзи андоз 6602,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба 01. 01. 2019 ба маблағи 28,5 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Дар соли 2018 маблағи қарзи андоз ба андозаи 2,2 млн. сомонӣ кам шуд, ки онро метавон мусбӣ арзёбӣ намуд.

Аслан, ҳолатҳои пешгирии зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо ва барҳамдиҳии он кори дастаҷамъона буда, мутобиқи талаботи бандҳои 11-13 Дастури методӣ «Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо», ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.01.2013, таҳти №22 дар мувофиқа бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, барҳамдиҳии бақияпулиҳои андоз ва гирифтани пеши роҳи афзоиши он, асосан, ба зиммаи кормандони масъули шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузошта шудааст. Мутаассифона иҷрои дастури методӣ на дар ҳамаи мақомоти ҳудудии андоз ба таври бояду шояд таъмин мешавад. Чуноне аз суҳбат бо нозирони андози шуъбаю бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон бармеояд, қисми зиёди онҳо дар хусуси қарзи андози корхонаҳои минтақаи ба онҳо вобасташуда ва афзоиши он маълумоти кофӣ надоранд.

Бояд қайд кард, ки дар асоси муқаррароти зербанди 1, банди 3, моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути барномаи компютерии СИА «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» дар семоҳаи аввали соли 2019 ба андозсупорандагони қарздор оид ба зарурати пардохти қарзи андоз ба маблағи умумии 1854800 сомонӣ 628 адад огоҳинома пешниҳод шудааст, ки аз ин ҳисоб беш аз 580500 сомонӣ ба буҷет пардохт гаштааст.

Ҳамчунин, дар семоҳаи якуми соли 2019-ум 30 адад қарор оид ба маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо нисбати 17 нафар андозсупоранда ба маблағи 1324900 сомонӣ татбиқ шудааст, ки ин 24 фоизи маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз ҳисоби 42 адад қароре, ки нисбати 20 нафар андозсупорандаи қарздор дар соли 2018 ба маблағи 1313400 сомонӣ қабул шуда буд, дар аввали соли ҷорӣ маблағи 788400 сомонии он ба буҷет ворид гардид. Ҳамин тариқ дар се моҳи соли ҷорӣ тибқи тартиби ғайрисудии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба буҷет беш аз 1104900 сомонӣ ворид шуд.

Мутобиқи талаботи моддаи 79 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдори (амал ё беамалии) ҳуқуқвайронкунии андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор эътироф мешаванд, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нашудани талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, ҳуқуқвайронкунии андоз эътироф гардида, боиси ҷавобгарӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, вобаста ба талаботи зикршуда мақомоти ҳудудии андоз дар 3 моҳи соли 2019 нисбати андозсупорандагоне, ки ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ роҳ додаанд, 213 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки маблағи он 377698 сомониро ташкил медиҳад, тартиб дода, аз маблағи мазкур 123737 сомониашро ба буҷет ворид намуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тадбирҳои дар самти барҳам додани бақияпулиҳои андоз андешидашуда натанҳо дар кам шудани маблағи қарзи андозҳо мусоидат кард, балки дар кори баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон низ бетаъсир намонд. Пас аз равнақ ёфтани корҳои фаҳмондадиҳӣ қисми зиёди андозсупорандагон суду зиёни қарзи андозро дарк карда, кӯшиш намуданд, ки ҳарчи зудтар қарзи андози худро дар назди буҷети мамлакат ҳисобӣ намоянд.

Новобаста аз гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию татбиқи амалии чораҳои маъмурӣ ва тариқи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, ҳанӯз ҳам баъзе аз андозсупорандагон пардохти бақияи қарзи андозҳои худро дар назди буҷет ба таъхир гузошта, уҳдадориҳои андозии хешро, ки қонун муайян кардааст, сари вақт таъмин намекунанд.

Масалан, Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофии геологии ашёи радиоактивӣ» 106039 сомонӣ, ҶДММ «Сино-90» 325377 сомонӣ, ҶДММ «Тоҷи заррин» 228916 сомонӣ, КФ «Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Рӯдакӣ» 213474 сомонӣ, ҶДММ «Аҷам-2016» 174306 сомонӣ, ҶДММ «Аълосифат» 157107 сомонӣ, ҶДММ «СК-МИР» 329750 сомонӣ ва ҶДММ «Саманди сомонӣ» 187803 сомонӣ аз зумраи корхонаю ташкилотҳое мебошанд, ки дар назди буҷет қарздор мебошанд. Бояд қайд кард, ки сеяки маблағи қарзи корхонаҳои номбурдаро ҷаримаву фоизҳо ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, андозсупорандагони аз андоз қарздорро зарур аст, ки бақияи қарзҳояшонро ҳарчи зудтар кам намоянд.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**ноҳияи Рӯдакӣ**

# Таҷлили Рӯзи кормандони мақомоти андоз

**4-уми майи соли 2019 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим, муовинони раис, сардорони раёсатҳо ва доираи васеи кормандони мақомоти андоз бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласа баргузор гардид.**

Давлатзода Н. М. зимни баромади худ қайд кард, ки кормандони мақомоти андоз ҷиҳати иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда ва таъмини нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019», инчунин, вусъат бахшидан ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, беҳтар сохтани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ва дар маҷмӯъ, мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ самаранок фаъолият карда истодаанд.

Номбурда мушаххасан аз якчанд дастоварди соҳа ёдрас шуд, ки онҳо, пеш аз ҳама, ба беҳтар намудан ва дар қолаби замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва дар маҷмӯъ, ба дастгирӣ ва таъмини рушди соҳибкорӣ, фароҳам сохтани фазои боз ҳам мусоидтари соҳибкорӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ нигаронида шудаанд. Зеро ғановати буҷети давлатӣ ва мутаносибан таъмини пойдории давлат, рушди устувори иқтисоди миллӣ, некӯаҳволӣ ва зиндагии осоиштаи ҳар як шаҳрванд ва дар маҷмӯъ, ҷомеа, ба рушди фаъолияти шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ ва самаранокии фаъолияти системаи андоз алоқамандии зич дорад.

Зикр шуд, ки бо мақсади самараноктар сохтани корҳо оид ба такмили дониши касбии кормандон ва тақвият бахшидан ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон мақомоти андоз кӯшиш намуда истодааст, ки фаъолияти худро пурра тариқи электронӣ ба роҳ монад, то андозсупорандагон ба мақомоти андоз ҳозир нашуда ҳисоботи худро пешниҳод намоянд. Ин аст, ки бо мақсади бо истифода, аз технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ дар сатҳи замонавӣ ташкил намудан ва беҳтар кардани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, дар сатҳи замонавӣ анҷом додани коркарди маълумот, дар бештари шаҳру ноҳияҳои кишвар барои пешниҳоди ҳисобот терминалҳои электронӣ таъсис дода шудаанд.

Инчунин, аз рейтинги Тоҷикистон дар ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ «Пешбурди соҳибкорӣ» сухан рафта, зикр гардид, ки давра ба давра беҳтар гаштани рейтинги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати андозбандӣ ба қайд гирифта шуд, ки ин нишондиҳанда дар натиҷаи содатар гардонидани тартиби пардохти андоз бо роҳи ҷорӣ намудани ҳисобнома-фактураҳои электронӣ ва васеътар намудани хизматрасониҳои электронӣ оид ба пешниҳоди эъломияҳо ва пардохти андоз ба даст омадааст.

Давлатзода Н.М. илова намуд, ки фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ барои кормандони соҳа яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки дар даврони Истиқлолият дар зиёда аз 30 шаҳру ноҳияи кишвар биноҳои маъмурии нозиротҳои андоз сохта ба истифода дода ва чандин бинои нозиротҳои андоз аз таъмири асосӣ бароварда шуданд.

Изҳори умедворӣ шуд, ки кормандони мақомоти андоз минбаъд низ кӯшиш менамоянд, ки ҷиҳати таъмини иҷрои сифатӣ ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ, беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, бештар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ва беҳтар намудани сифати корҳои назоратӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

Дар охир, ба як қатор кормандони мақомоти андоз Ифтихорномаву Раҳматномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рутбаҳои навбатии мақомоти андоз дода шуд.

**М.ҶУМЪА**

# Назорат - асоси муваффақият

**Бо мақсади таъмини риояи қонунгузории андоз ва иҷрои сариваҷтии Фармоишҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.01.2019 таҳти №13 «Оид ба тасдиқ намудани Нақшаи ягонаи санҷишҳои маҷмӯии андозсупорандагон барои нимсолаи якуми соли 2019» аз ҷониби шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд як қатор чорабиниҳо вобаста ба татбиқи назорати андоз амалӣ шуданд.**



*Дарвоқеъ, корҳои назоратии мақомоти андоз дар фаъолияти андозсупорандагони вилояти Суғд гувоҳӣ медиҳанд, ки сарфи назар аз шароитҳои мусоиди соҳибкорӣ, ки бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шудааст, ҳанӯз ҳам соҳибкороне ҳастанд, ки дидаву диониста ба қонунвайронкунии андоз роҳ медиҳанд. Манбаъҳои андозбандии худро пинҳон менамоянд, ё кам нишон медиҳанд. Маҳз санҷишҳои андозӣ, ки яке аз самтҳои назарраси фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад, метавонад аз қонуншиканӣ ва пинҳонкунии андозҳо аз тарафи чунин андозсупорандагон пешгирӣ намоянд. Натиҷаи фаъолияти шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғдро дар ин самт аз рӯи ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2019 сардори шуъба Идибек Қутбиддинов шарҳ дод.*

Тибқи фармоишу супоришҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи якуми соли 2019 фаъолияти 337 андозсупорандаи вилояти Суғд мавриди санҷиши андоз қарор гирифт. Дар натиҷа ба маблағи 9,258 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва 7,717 ҳазор сомонии он ба буҷет ворид шуд. Аз он ҷумла фаъолияти 68 адад андозсупоранда аз тарафи кормандони раёсати андоз санҷида шуда, дар натиҷа, 8,444 ҳазор сомонӣ ва аз тарафи нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо дар фаъолияти 269 адад андозсупоранда ба маблағи 813,9 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор гардидааст.

Дар маҷмӯъ, дар семоҳаи якуми соли 2019 ба буҷети давлатӣ якҷоя бо дарназардошти бақияи қарзҳои пешина 10 миллиону 321 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гаштааст. Дар натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда дар ин давра нисбати 4 андозсупоранда мавод ба маблағи 491 ҳазор сомонӣ тартиб ёфта, ба мақомоти қудратӣ ирсол шудааст. Аз ин ҳисоб ба қисми даромади буҷет 470 ҳазор сомонӣ ворид шардид. Бақияи маблағи андозҳои барилова ҳисобшуда ба санаи 01.01.2019 аз ҳисоби санадҳои ба мақомоти қудратӣ ирсолшуда 212 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар якчояги бо мақомоти Прокуратура фаъолияти 3 андозсупоранда мавриди санҷиш қарор дода шуда, 441 ҳазор сомонӣ маблағҳои иловагӣ ошкор ва аз он 420 ҳазор сомониаш ба буҷет ворид гардид. Бақияи маблағи андозҳои барилова ҳисобшуда ба санаи 01.04.2019 ба маблағи 21 ҳазор сомонӣ боқӣ мондааст.

Бақияи қарзи маблағҳо аз ҳисоби санҷишҳои гузаронидашуда аз 01.01.2013 то ба санаи 01.04.2019-ум 40,6 млн. сомонӣ боқӣ мондааст. Аз ҷумла бақияи қарзи бебаҳс ба маблағи 18,8 млн. сомонӣ, бақияи қарзи мушкилситон ба маблағи 19,2 млн. сомонӣ ва бақияи қарзи баҳсӣ ба маблағи 2,5 млн. сомонӣ ташкил медиҳад. Яъне дар семоҳаи якуми соли 2019-ум бақияи маблағҳои қарзи санадҳои санҷишӣ ба маблағи 853490 сомонӣ зиёд гаштааст. Сабаби зиёд шудани бақияи қарз дар семоҳаи якуми соли 2019 ин аз ҳисоби санҷиши ҶДММ «Сарбуна» маблағи 58267 сомонӣ, ҶДММ «Оламафрӯз-2016» маблағи 314173 сомонӣ, ҶДММ «Мумин Инвест коттон» маблағи 319000 сомонӣ, ҶДММ «Рустам и К» маблағи 469017 сомонӣ ва КВД «Хоҷагии манзилию комуналии ш. Исфара» маблағи 152006 сомонӣ мебошад. Нисбати ширкатҳои мазкур тибқи талаботи моддаҳои 72-76 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ андешида шуда истодааст.

Инчунин дар семоҳаи якуми соли 2019 аз ҳисоби бақияҳои солҳои гузашта ба маблағи 687328 сомонӣ маблағи андозҳои ҳисобшуда ба буҷет пардохт гардидааст.

Ҷиҳати рӯёнидани қарзҳои мазкур аз ҷониби Раёсати андоз дар вилояти Суғд тибқи талаботи моддаҳои 72 –76 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ гардонида шуда, дар ин самт ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ идома дорад. Аммо, бинобар мавҷуд набудани воситаҳои асосӣ, маблағҳои пулӣ, бақияи молу маҳсулот, фавт ё дар маҳбас қарор доштани роҳбарони ҷамъиятҳо рӯёнидани бақияи қарзи андоз то ҳол ғайриимкон мебошад.

Дар баробари ин, аз рӯи натиҷаи санадҳои санҷишии соли 2017 бинобар пурра пардохт накардани маблағи қарзи андозҳо тибқи талаботи пешбининамудаи моддаҳои 72–76 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ шудааст. Аз ҷумла, нисбати КДФ «Шираи Гандум»-и шаҳри Исфара ба маблағи 443240 сомонӣ ва ҶСК «Конибодом» ба маблағи 141735 сомонӣ, ки айни ҳол қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулк татбиқ шуда истодааст.

Санҷиши фаъолияти андозсупорандагон ошкор сохт, ки асосан, ҳангоми ҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоида, андоз аз даромад, нигоҳ доштани андоз дар манбаи пардохт ва андози иҷтимоӣ ба хато роҳ дода шудааст. Асосан, аз тарафи баъзе аз андозсупорандагон ҳисоботи муҳосибавӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибавӣ ва ҳисоботи молиявӣ» пеш бурда намешавад. Баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ, шумораи коргарон ва истифодаи қувваи коргарони кироя пурра нишон дода нашудааст. Пардохти даромад, манфиат ва фоидаи соф дар манбаи пардохт сари вақт таҳти андозбандӣ қарор нагирифтааст. Ҳангоми фурӯши молҳо манбаи андозбандӣ бо дарназардошти нархҳои бозорӣ ҳисоб нашуда, аз ҳисоби болонархиҳо бо фоизҳои паст ҳисоб мешавад. Ҳаҷми гардиши мол зиёд буда, маблағи андозҳои ҳисобшуда кам мебошад.

Корҳои назоратии мақомоти андоз, аз ҷумла, санҷишҳои маҷмӯии андозро маҳз барои пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз амалӣ менамоянд. Шӯъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд камбудиҳои ҷойдоштаи корҳои назоратиро, аз ҷумла дар самти кам кардани бақияи қарзи андоз, ҳолатҳои пешниҳод накардани ҳисобнома-фактураҳои электронии андоз аз арзиши иловашуда, таъмини МНХ, хариди назоратӣ ва дигар самтҳои корӣ зери назорати ҷиддӣ гирифта, барои ислоҳи онҳо нақшаи чорабиниҳоро тартиб додааст. Татбиқи амалии ин чорабиниҳо, албатта, ба таъмини босифати нақшаи ҷамъоварии андозҳо дар вилояти Суғд дар семоҳаи дуюм ва ҷамъбасти соли 2019 мусоидат хоҳад кард.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## ҶАШНВОРА

# Таҷлили иди касбӣ

**4-уми майи соли 2019 дар Раёсати андози вилояти Суғд бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии идона баргузор гардид, ки дар он намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, кормандони Раёсати андоз ва мақомоти ҳудудии он ширкат варзиданд.**

Дар оғози чорабинӣ сардори Раёсати андози вилояти Суғд Абдуқаюм Воҳидов табрикоти Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти андоз ба самъи ҳозирин расонд. Ҳамчунин, зикр гардид, ки кормандони мақомоти андози вилоят дар арафаи таҷлили иди касбӣ саъю кӯшиш карда, нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатиро дар ҷамъбасти чор моҳи аввали соли 2019 иҷро намуданд, ки ин ҳам дастовези арзанда ба Рӯзи кормандони мақомоти андоз мебошад. Дар натиҷаи фаъолияти пурсамари кормандони мақомоти андози вилоят нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ дар чор моҳи соли равон ба андозаи 103,4% таъмин гардид.

Сипас, муовини Раиси вилояти Суғд Анвар Яъқубӣ суханронӣ намуда, саҳми кормандони мақомоти андозро дар таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ назаррас арёбӣ кард. Мавсуф қайд намуд, ки ҳанӯз дар вилоят захираҳои истифоданашуда ҳамчун сарчашмаҳои нави андозбандӣ зиёданд. Масъулонро зарур аст, ки баҳри ободиву шукуфонии давлат боз ҳам самаранок фаъолият намуда, дар марҳалаҳои минбаъда барои таъмини пурра ва босифати қисми даромади буҷети давлатӣ, кам кардани ҳаҷми бақияпулиҳои андоз, дарёфти сарчашмаҳои иловагии андозбандӣ, вусъат додани корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани муносибат ба баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва мусоидат ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ саъю кӯшиш намоянд.

Дар охир ба кормандони фаъол ва собиқадорони соҳа Ифтихорнома, туҳфаҳои хотиравии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва Раёсати андози вилояти Суғд, инчунин рутбаҳои навбатӣ дода шуданд.

# Самти афзалиятнок

**Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагон мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо андозсупорандагон мунтазам семинар-машварат, вохӯриҳои корӣ ва дигар чорабиниҳои муфидро оид ба масъалаҳои андозу андозбандӣ гузаронида истодааст. Ҳамзамон андозсупорандагон метавонанд доир ба масъалаҳои марбут ба андозу андозбандӣ аз Маркази иттилоотии Кумитаи андоз истифода намоянд.**

**Ба ҳама гуна муроҷиати шаҳрвандон мутахассисони мақомоти андоз сари вақт посух медиҳанд. Чунончи, як гурӯҳ андозсупорандагон ба Бахши иттилоотӣ (151) муроҷиат кардаанд, ки дар бораи шаҳодатномаи соҳибкорӣ ба тарзи кор дар асоси он маълумоти муфассал дода шавад.**

**Ба хотири рӯшанӣ андохтан ба ин масъала мо бо сардори шуъбаи ташкили андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсус ва амволи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев суҳбате доир намудем, ки онро пешниҳоди хонандагон мегардонем.**

**- Собирҷон Исоев, нахуст дар бораи шаҳодатномаи соҳибкорӣ маълумот медодед?**

-- Шаҳодатнома - ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатиро тасдиқ менамояд– ҳуҷҷати аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ додашуда (Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва (ё) иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ), ки аз далели таъсисёбӣ, бархамдиҳӣ ва ё қатъ намудани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, таъсисёбӣ ё қатъ намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ шаҳодат медиҳад.

**- Истифодаи мошини назоратӣ-хазинавӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда оё ҳатмӣ аст?**

- Мувофиқи талаботи моддаҳои 19 ва 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда уҳдадор мебошанд, ки ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо пули нақд, корти пардохти бонкӣ аз мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ истифода намоянд.

Бояд қайд намуд, ки барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва риоя накардани тартиби истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии хазина, соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда низ мувофиқ ба тала-



боти моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи талаботи Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31. 08. 2012, №451 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда уҳдадор аст, ки баҳисобгирии муҳосибиро дар фаъолияти худ таъмин намояд. Дар сурати таъмин накардани баҳисобгирии муҳосибӣ мақомоти андоз нисбат ба ӯ тибқи талаботи қисми 2 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ татбиқ менамояд.

**- Соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳуқуқи анҷом додани кадом намудҳои фаъолиятро надорад?**

- Агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, мувофиқ ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 таҳти № 451 "Дар бораи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома ё патент фаъолият менамоянд", соҳибкори дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда метавонад ҳамаи намуди фаъолиятро анҷом диҳад, ба истиснои:

*а) истеҳсоли молҳои зераксизӣ (ба истиснои нӯшокиҳои ғайриспиртӣ) ва амалӣ намудани фаъолияти зераксизӣ;*

*б) фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ба истиснои воридот ва содироти молҳои ниёзи мардум ба маблағи то 1 млн. сомонӣ)*

*в) фаъолияти бонкӣ ё намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ, фаъолияти суғуртавӣ, фаъолият оид ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ, фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок;*

*г) фаъолият доир ба истифодабарии қаъри замин;*

*д) қабул, коркард ва (ё) таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, дигар металлҳо, консентрат, оҳанпора ва маъданҳо;*

*е) фурӯши сӯзишворӣ, газі моеъ ва табиӣ, таъсиси бозорҳо, меҳмонхонаҳо;*

*ж) ташкили сехҳои оҳангудозӣ.*

Аммо соҳибкори инфиродии бо шаҳодатнома фаъолияткунанда дорои ҳуқуқи истифодаи меҳнати кироя мебошад.

**- Соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда аз кадом низоми андозбандӣ метавонад истифода намояд?**

- Дар асоси талаботи пешбининамудаи қисми 2 моддаи 289 Кодекси андоз соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда вобаста ба намуди фаъолият ва даромади гирифташон мувофиқи тартиби муқарраргардида аз низомҳои зерини махсуси андозбандӣ истифода менамоянд:

*- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;*

*- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;*

*- низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ.*

Ҳамзамон, бояд зикр кунам, ки Кумитаи андоз пайваста дар миёни андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳиву тарғиботиро тақвият бахшида, барои пешгирӣ намудани ҳама гуна қонунвайронкуниҳои андоз, сари вақт огоҳ кардани андозсупорандагон аз тағйиру иловаҳои Кодекси андоз, санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории андоз ва аз ҷониби андозсупорандагон дуруст ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорияшон тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

**М. УСМОНОВА,**
**корманди шуъбаи робита бо ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Тадбири таъсиррасон

**Назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозӣ пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти мақоми ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳо дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз анҷом дода мешавад. Назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо мебошад. Вобаста ба ин, мақомоти андоз дар ҳолате, ки дар фаъолияти андозсупоранда шубҳа ё пинҳонкориҳоро мушоҳида мекунад, зарур медонад, ки ҳатман назорати камералӣ гузаронад.**



Тавре аз Нозироти андозсупорандагони калон хабар доданд, дар се моҳи соли 2019 аз ҷониби кормандони ин нозирот дар фаъолияти 37 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст. Тибқи натиҷаи назорати камерлӣ 74,5 миллион сомонӣ эҳтимоли ҳисобшавии андозҳои иловагӣ ошкор шудааст. Ҳамзамон, гуфта шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 23 адад зиёд аст. Маблағи ошкоргардида назар ба ҳамин давраи соли 2018-ум 54,6 миллион сомонӣ афзудааст.

Маълум аст, ки барои пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои нодуруст ё кам ҳисоб намудани андозҳо ва ё ҳолатҳои пинҳонкунии андоз дар моддаҳои 22 ва 37 Кодекси андоз барои мақомоти андоз ҳуқуқи анҷом додани корҳои назоратӣ пешбинӣ шудааст. Назорати камералӣ бе ягон маҳдудият ва ё амри сардор танҳо дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозии андозсупоранда, маълумоти мақоми ваколатдор ва (ё) дигар ҳуҷҷатҳо анҷом дода мешавад.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки яке аз чораҳои таъсиррасон ва ибтидоии ҳушдордиҳанда ба андозсупорандагон тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ирсоли огоҳиномаҳо ба андозсупорандаҳо мебошад. Вале, ҳарчанд таҳияи огоҳиномаҳо ба воситаи барномаи компютерии «Идоракунӣ ва мониторинг» роҳандозӣ шудаю фаъолияти мақомоти андоз дар ин самт осонтар гардидааст, боз ҳам, тавре мушоҳида мешавад, аз ҷониби баъзе андозсупорандагон бемасъулиятӣ дида мешавад. Дар хабари НАК омадааст, ки дар 37 ҳолати таҳти назорати камералӣ қарор гирифтни фаъолияти андозсупорандагон ба ҳамон маблағе, ки дар боло ишора гардид, ба андозсупорандагон огоҳиномаҳо ирсол шудааст. Аз ин ҳисоб ба маблағи 27,5 миллион сомонӣ эъломияҳои иловагӣ ва ислоҳотӣ, инчунин маблағи 14,5 миллион сомонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққкунанда пешниҳод шудааст. Ҳамзамон, 30,9 миллион сомонӣ бақия нисбати андозсупорандагони мушаххас дар ҳолати баррасӣ қарор дорад.

Нозироти андозсупорандагони калон дар минтақаҳои кишвар, хусусан дар маркази вилоятҳо шуъбаҳои махсуси худро дорад, ки вобаста ба андозсупорандагони калони ҳамон минтақа фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Дар давраи семоҳаи аввали соли 2019 аз тарафи кормандони Дастгоҳи марказии НАК 17 адад назорати камералӣ гузаронида шуда 65,4 миллион сомонӣ малағҳои иловагӣ муайян шудааст. Инчунин, шуъбаи НАК дар вилояти Суғд 7 адад ба маблағи 3,5 миллион сомонӣ, шуъбаи НАК дар вилояти Хатлон 5 адад ба маблағи 2,0 миллион сомонӣ ва шуъбаи НАК дар шаҳри Душанбе 8 адад ба маблағи 3,5 миллион сомонӣ маблағҳои иловагиро ошкор намудаанд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Арсаи садоқату мардонагӣ




**АЗ РӮЗИ ХОМӮШ ШУДАНИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН ВА ҒАЛАБА ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ 74 СОЛ ГУЗАШТ. СОЛҲОЮ АСРҲО МЕГУЗАРАНД, АММО ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ, КИ ДАР АСРИ БИСТУМ ҶАНГИ АЗ ҲАМА ШАДИДТАРИН БУД, ДАР НАЗДИ ТАЪРИХ ВА БАШАРИЯТ ФАРОМӮШ НАХОҲАД ШУД. ИН ҶАНГИ ХОНУМОНСӮЗ ҶОНИ ДАҲҲО МИЛЛИОН ИНСОНРО РАБУД.**

Ҷанги даҳшатноки солҳои 1941- 1945 таъсири худро ба ҳар як хонадони мардуми Тоҷикистон низ гузоштааст. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ 300 ҳазор нафар фарзандони Тоҷикистон ҳам иштирок карда, бар зидди фашистон мубориза беамон бурдаанд. 92 ҳазор нафар тоҷикписар дар ин ҷанги шадиди беҳамто қурбон гаштаанд.

Фарзандони миллати тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок карда, дар Ғалаба саҳми калон гузоштаанд. Дар он солҳо тоҷикон дар ақибгоҳ фронти Шӯравиро бо либос ва озуқа низ таъмин кардаанд. Танҳо аз ҷониби Ҷамъияти матлуботи Тоҷикистон дар солҳои ҷанг беш аз як ҳазор тонна меваи хушк, як миллион ҷуфт пойафзор, аз ҷумла мӯзаҳои пашмӣ, сеюним миллион ҷуфт ҷӯробҳои пашмӣ ва се тонна собун фиристода шудааст.

Ҳамчунин, шоиру нависандагони тоҷик, дар он айём дар бораи шуҷоату далерӣ ва қаҳрамонию мардонагии сарбозони Шӯравӣ ва миллати тоҷик асарҳо эҷод карда, дар дили мардум тухми умед ба Ғалабаро мекоштанд.

Корнамоиву диловарии фарзандони баору номуси он солҳо ҳамеша намунаи ибрати наслҳои имрӯзаву оянда хоҳад буд. Чунки омӯзиши таҷрибаи онҳо, маслиҳатҳои муфид ва насиҳатҳои падарона ва зиндагиву фаъолияти собиқадорони ҷангу меҳнат ба наслҳои имрӯз ва фардои миллати тоҷик барои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва пешрафта дастури зиндагиву фаъолият мебошад.

Барои диловарию мардонагӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ 64 нафар фарзанди Тоҷикистон ба унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардидаанд. 18 нафар бо се ордени кавалерии «Шараф» ва 58 ҳазор нафар сарбози тоҷик бо ордену медалҳои СССР мукофотонида шудаанд.

Барои хизматҳои шоён ба нафъи халқу Ватан имрӯз роҳбарияти давлату Ҳукумати Тоҷикистон собиқадорони ҷангро таҳти таваҷҷуҳи хоса қарор додааст. Ҳар сол дар арафаи иди Ғалаба ба ҳамаи собиқадорони ҷангу меҳнати Тоҷикистон аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат, инчунин, вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо кӯмаки моддиву маънавӣ расонида мешавад.

Кӯмаку дастгириҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо мунтазам ба амал меоянд, ки ин аз ғамхории роҳбарон нисбати собиқадорон далолат мекунад. Собиқадорони ҷанг, инчунин, аз хизматрасонии ройгони тиббӣ хуб бархурдоранд. Дар ҳама беморхонаҳои шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҳуҷраҳои махсус ташкил шудаанд, ки дар онҳо иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҷониби беҳтарин духтурон мавриди табобат қарор мегиранд.

Корнамоиву мардонагии падару бобоёнамон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ намунаи олии далерию шуҷоат буда, садсолаҳо дар ёдҳо хоҳад монд. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз ҳаргиз фаромӯш нашудааст ва фаромӯш нахоҳад шуд.

**Иди Зафар муборак, ҳамватанони азиз!**

**Тирамоҳи соли 1942. Дар деҳа ба гӯш дигар на садои суруди чупонбача мерасаду на хандаи ширини духтаракони лаби ҷӯ. Сари чашмаи зери садаи назди масҷиди деҳа, чун солҳои оромӣ, серодам набуд. Гуё ба деҳа касали вабо омада бошад, ҳама хомушу ором ва аз ҳаракат монда. Субҳгоҳон дар кӯчаҳои деҳа ягон-ягон мӯйсафедонро дидан мумкин буд, ки асосанон бо сари хаму дили пурғам аз хона ба масҷид ва аз масҷид ба хона равуо мекарданд. Садои кампири Гуландом ҳам, ки бо шеъру рубоӣ ва таронаю масалҳои намакини худ гоҳе одамонро ба шӯр оварда гоҳе механдонд, дигар ба гӯш намерасид. Аз хурд то бузург гирифтори як дарду як ғам гардида буданд. Яке дар ғами фарзанди ҷигарбандаш месӯхту дигаре дар ғами шавҳари меҳрубонаш. Сеюмӣ суханҳои ширину меҳрубониҳои падарро пазмон гашта, ҷорумӣ бо дидани дӯсте ва ё рафиқи ғамгусоре оҳи сард аз дили пурдард мекашид.**

# Зинданом



Ҳафтае пеш мардуми деҳа «хати сиёҳ» гирифта буданд. Аниқтараш, хаткашони деҳа амаки Расул «хати сиёҳ» ду нафар ҷавонро овард, ки фиғони аҳли деҳа ба фалак печид. Он рӯз деҳа мотамсаро буд.

Қарибиҳои субҳидам улоси ҳузновару гӯшхароши Посбон ба гӯши амаки Амин расиду ӯ саросема ҷомаи бекасаби нимдоштаро болои китфон партофта, ба берун баромад. Посбон болои боми оғил бо дард улос мекашид. Амаки Амин ин дафъа меҳрубонӣ накард, балки «тур, хез гум шав аз ин ҷо, нияти бадат дар гӯр» гуён ӯро аз болои бом пеш кард.

Ҳаво аз ҳарвақта дида сард ва абрҳои сиёҳ рӯи осмонро пӯшонда буданд. Вазъи ҳаво ба Амин писанд наомад. Аз ҳама бадтар улоси Посбон табиати ӯро хира гардонда буд.

Холаи Бибиҷамила аз хоб бедор шуда, пахлӯяш амаки Аминро надид ва аз ин ҳол сахт ба ташвиш афтод. Саросема чароғи керосиниро даргиронду ба берун баромад. Дар гушаи ҳавлӣ суроби амаки Аминро дид, ки бо миёнбандаш дасту рӯяшро поккунон ҷониби хона меояд.

- Ҳа мардак, ин қадар барвақт хестед, охир ҳоло субҳ надамидааст. Гумон кардам дар ҳамин вақти шаб ба масҷид рафтед.

- Не, масҷид куҷо, улоси ҳамин саги сабилмонда аз хоб бедорам кард. Ба берун баромада, каме аз ҳавои тоза нафас гирифтам.

Амаки Амин субҳ бо писараш Ғозӣ сари дастархон нишаста, буданд, ки аз паси дарвоза "амаки Амин, ҳой амаки Амин" гуфтани марде шунида шуд.

Амин рафта дарвозаро кушод. Он ҷо раиси ҷамоату марди низомипӯше рост меистоданд. "Марҳамат, марҳамат, ба хона дароед" - гуён вохӯрӣ намуда, онҳоро ба хона таклиф намуд амаки Амин.

- Раҳмат, амаки Амин, ин аз комиссариати ҳарбии ҷумҳурӣ, аз шаҳри Сталинобод омадааст, - ба рафиқи ҳамроҳаш ишора кард раиси ҷамоат - Ӯ омадааст, ки ҷавонони ба хизмати ҳарбӣ даъватшударо ҷамъ намуда, ҳамроҳи худ ба пойтахт, ба шаҳри Сталинобод барад. Дар рӯйхати даъватшудагон писари шумо - Ғозибой ҳам будааст, ба ҳамин хотир ба ҳавлини шумо омадем, - аз асли воқеа амаки Аминро огоҳ намуд раиси ҷамоат. Фаромӯш накунед, ки пас аз ду соат бояд ҳама дар масҷид ҷамъ шаванд, аз он ҷумла Ғозибой ҳам», бори дигар таъкид намуд раис ва ҳамроҳи намояндаи комиссариати ҳарбӣ ҷониби масҷид роҳ пеш гирифт.

- Писарам, аз ҳамин рӯз иборат ту ҳам ба қатори ҷавонмардон дохил шудӣ, - гуфт амаки Амин ба писараш Ғозӣ дар сари дастархон. -Медонам, ки дар майдони ҷанг




касеро осоиш нест. Чӣ илоҷ, барои муҳофизати хоки муқаддаси Ватан мебояд ҷоннисорӣ намуд. Мо туро бо сари баланду рӯи сурх гусел карда, дар ҳаққат дуо мекунем, то ки бо тани сиҳату сари баланд боз ба Ватан баргардӣ.

Ин лаҳза гӯё суханҳои амаки Амин ба гӯши холаи Бибиҷамила намедаромад. Ӯ банди ким кадом як хаёле паёпай ашк мерехт. Маълум буд, ки ҳоли ҳозир барои фарзандаш ҷигараш лахта-лахта шуда, месӯзад.

Худи ҳамон рӯз пас аз хӯроки нисфирӯзӣ намояндаи комиссариати ҳарбӣ ҳафт нафар ҷавони деҳаи Харангони болои ноҳияи Варзобро ҳамроҳи худ гирифта, ба шаҳр бурд ва рӯзи дигар Ғозӣ бо ҳамроҳонаш савори поезд ба шаҳри Воронежи Ҷумҳурии Украина рафт. Дар ин ҷо Ғозӣ Аминовро дар полки механиконидашудаи танкии 362-юм ба хизмати ҳарбӣ қабул карданд. Полки онҳо дар ҳалқаи Курск амалиёти ҷангӣ мегузаронд. Ғозии далеру шуҷоъ вазифаи разведкачиро ба уҳда дошт. Дар ҳар як амалиёти ҷангӣ нақши Ғозӣ Аминов хеле назаррас буд.

Моҳи феврали соли 1943 дар муҳорибаҳои шадид барои аз дасти фашистон озод намудани шаҳри Житомир Ғозӣ аз китфаш захм бардошт. Ӯ муддате дар госпитали ҳарбӣ табобат гирифта, баъди шифо ёфтан аз нав ба фронт баргашт. Ӯро ба полки амалкунандаи ордени Байрақи Сурхи Меҳнатдори шаҳри Лвов ба ҳайси разведкачӣ-автоматчӣ фиристоданд.

Ҳамин тавр Ғозӣ Аминов дар озодкунии сарзамини Украина, Полша, Руминия, Чехословакия ва Австрия иштирок намуда, соли 1945 баъди ғалаба бар фашизм бо сари баланду рӯи сурх ба зодгоҳаш -деҳаи Харангони боло баргашт. Пас аз адои ҷанг бо тавсияи Комиссариати ҳарбии ноҳияи Варзоб ӯро дар зодгоҳаш ҳамчун муаллим ба кор қабул карданд. Ғозии ҷавон дар як вақт ҳам дар мактаби деҳа кор мекард, ҳам ғоибона дар факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории пойтахт таҳсил менамуд. Тули якчанд сол мудири қисми илмӣ ва аз соли 1969 то охири умр директори мактаби миёнаи рақами 29-и ноҳияи Варзоб шуда, адои вазифа намуд. Ҳоло мактаби мазкур номи Ғозӣ Аминовро дорад.

Ғозӣ Аминов барои корнамоиҳояш дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо чандин ордену медалҳои ҷангӣ ва ифтихрономаҳо мукофотонида шудааст. Хотираи неки ҷанговари матин ва омӯзгори асил – ин марди накӯном барои мардуми диёраш ҷовидонист. Ҳар сол дар Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар деҳаи Харангони болои ноҳияи Варзоб ба хотири ин марди накӯном вохӯриҳо барпо мегарданд, ки дар он ҳамсафону шогирдон ва фарзандони ӯ ҷамъ омада, аз рӯзгори неку ибратомӯзи устод ёд мекунанд. Китоби рӯзгори ибратбахши ӯро варақ мезананду байти Саъдиро қироат менамоянд:

*Зиндаю ҷовид монд, ҳарки накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА,**
**узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон**

Боҷу хироҷ №19 (1168) Панҷшанбе, 9 майи соли 2019



# Қарзи андоз кам мегардад, агар...

**Масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани бақияпулиҳои андоз, инчунин, давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии мақомоти андоз шудааст.**



Баъзе аз шаҳрвандон барои пардохтани андозҳои корхонаву ташкилоти худ таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд ё дидаю дониста ба пинҳонкунии андозҳо даст мезананд. Гумон мекунанд, ки бо пинҳонкории маблағҳои андоз кори худро осон менамоянд ва ё маблағи қарзи онҳоро мақомоти андоз фаромӯш мекунад. Вале ин тавр нест. Қарзи андоз рӯз аз рӯз афзоиш ёфта, пардохтанаш мушкилтар мегардад. Дар ин ҳол, кормандони мақомоти андозро зарур меояд, ки бақияи қарзи андозҳои чунин шахсонро маҷбуран биситонанд.

Бақияи қарзи андозҳо дар ноҳияи Дӯстӣ ба санаи 1 январи соли 2019-ум 6389507 сомониро ташкил мекард. Ин рақам ба ҳолати 1 апрели соли ҷорӣ ба 564943 сомонӣ расидааст, ки нисбат ба аввали сол 742564 сомонӣ кам гардидааст.

Сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ М. Ғаюрзода дар ин хусус гуфт, ки алҳол, дар ноҳия 509 нафар андозсупоранда дар назди буҷет қарздор аст. Ба ҳолати 1 январи соли 2018 шумораи андозсупорандагони қарздор дар ноҳия 742 нафарро ташкил менамуд. Кормандони нозироти андоз бо анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию семинар – машваратҳо бо иштироки андозсупорандагони қарздор муваффақ гаштанд, ки маблағҳои қарзи 233 субъекти хоҷагидорро бирӯёнанд.

Мавсуф гуфт, ки аслан, андозсупорандагоне, ки дар назди буҷет маблағҳои зиёди қарзи андоз доранд, ҶДММ «Ориён-Ҷ» (маблағи қарз - 587945 сомонӣ), ФҶСП ШХ «Само» (575264 сомонӣ), КТ «Эшбек Сатторов» (734333 сомонӣ), ФҶСК «Агроинвестбонк» (119237 сомонӣ), ҶДММ «Элиф» (31031 сомонӣ), Идораи давлатии бехдошти замин ва обёри ноҳия (269966 сомонӣ) мебошанд.

Дар ин давра оид ба пардохти саривақтии андоз ба суроғаи 22 андозсупорандаи қарздор ба маблағи 556800 огоҳинома ирсол гардида, аз ин ҳисоб 334700 сомонӣ ба буҷет ворид шудааст. Дар асоси талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 50 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 4075100 сомонӣ 64 қарор қабул гардидааст ва аз ин маблағ 1783000 сомонӣ ба буҷет таъмин шудааст.

Бояд қайд намуд, ки тартиби ҳисобкунии фоизҳо ва маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон на бо мақсади ҷазо додани андозсупоранда ё вазнин намудани шароити молиявии он пешбинӣ шудааст, балки бо мақсаде пешбинӣ шудааст, ки худи андозсупорандагон ба пайдошавии бақияи қарзи андозҳо роҳ надода, вазъи молиявии худро аз ҳолати бӯҳронӣ ё муфлисшавӣ пешгирӣ намоянд.

Кормандони нозироти андози ноҳия дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ нисбати 28 нафар андозсупоранда, ки талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накардаанд ё уҳдадориҳои андозии онҳо дар назди буҷети давлатӣ иҷро нашудааст, бо дастраси моддаҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 25410 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб доданд.

Ба гуфтаи М. Ғаюрзода роҳҳои дурусти ҳалро бояд дарёфт кард, то ки қарзҳо бархам хӯранд. Дар маҷмӯъ, ҳар андозсупорандаро лозим аст, ки бе қарзи андоз кор карданро ёд гирад. Қарзи андоз кам мегардад, агар робита миёни кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон зичтару устувортар ба роҳ монда шавад. Дар он сурат ҳама гуна корҳо пешравтар хоҳанд шуд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ,**
**Неъматулло ЗОИРЗОДА**
**ноҳияи Дӯстӣ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# В России может появиться новый экологический налог

**Основные загрязнители сточных вод - это предприятия. Подстегнуть к ускорению модернизации очистных сооружений на них поможет новый платеж.**

«Сейчас финансовым блоком правительства обсуждается идея заменить платежи для предприятий за сбросы неочищенных стоков в водные объекты на экологический налог. Такой налог может быть дополнительным стимулом для «грязных» промышленных и коммунальных предприятий использовать современные технологии очистки», - рассказал в интервью «Российской газете» руководитель Росводресурсов Дмитрий Кириллов.

Между тем государство помогает предприятиям, модернизирующим очистные сооружения. Из ФЦП «Вода России» субсидирует процентную ставку по кредитам, взятым на эти цели. Такие субсидии уже получили 40 организаций на сумму 5,3 миллиарда рублей. А общая стоимость реализуемых проектов составила 146,2 миллиарда, констатировал Кириллов.

**Источник: «Российская Газета»**

# Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо

**Дар ҳошияи авроқи бистсолаи рангини рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки аксаран бо воқеаву ҳаводиси хуш заркӯбӣ шудаанд, саҳифаи нави пур аз андӯҳ навишта шуд. Исматулло Ибодзода - сарвари аввалини рӯзнома, ки таърихи таъсисёбӣ ва ҷараёни минбаъдаи ба по рост шуда, қомат афрохтани рӯзнома бо номи ин шахсият марбут аст, ба таври нобаҳангом аз олам гузашт.**



Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии давлатамон, ки Исматулло Ибодзода дар оғози он вазифаҳои гуногуни давлатиро иҷро карда, дар таъмини ҳаёти осоишта ва рушди иқтисодиёти он саҳми бевосита дошт, ниҳоят қариб бист соли охир роҳбарии рӯзномаи иқтисодии кишварро ба зимма гирифта, амалан истироҳатро намедонист. Мебоист ҳангоми ба нафақа баромадан бо фарзандону наберагон даври пирӣ меронд. Аммо умр вафо накард. Диле, ки саршори орзуҳо ва ҳадафҳои созанда буд, аз тапидан монд. Манзиле, ки ҳамеша қадамгоҳи адибону рӯзноманигорон, маъвову маҳфили адабу ҳунар буд, бенуру сард гашт.

Аммо пайравони рӯзноманигори барҷаста шамъи афрӯхтаи ӯ – рӯзномаи «Боҷу хироҷ»-ро, ки гувоҳи ҳадафҳои созандаи ӯ мебошад, абадан равшан нигоҳ хоҳанд дошт.

Дар шароити охири солҳои 90-уми асри пешин, ки вазъи кишвар бо сабаби ҳодисаҳои маълуми аз саргузарондааш, сахту сангин буд, Исматулло Ибодзода иқдом кард, ки ба хотири дастгирии кишвар рӯзномаи иқтисодӣ таъсис диҳад. Роҳбарияти Кумитаи навтаъсиси андози мамлакат идеяи рӯзноманигорро дастгирӣ намуданд ва рӯзҳои охири соли 1998 рӯзномаи «Паёми андоз» ба табъ расид. Дар ватанамон насими хуш вазида, пайғомрасони масоили молиёт, ки воситаи пурзӯртарини иқтисодиёт мебошад, арзи вуҷуд намуд. Бо вуҷуди мушкилоти молӣ, таҳти роҳбарии Исматулло Ибодзода рӯзномаи «Паёми андоз» ботадриҷ сабзида, пуриқувват гашт, теъдоди ҳар ҳафтаи он аз ҳафтаи пешин зиёдтар шуда, садои хушу гуворояш ба дуртарин деҳоти кишвар расид.

Ҳаёти кишвареро, ки иқтисодиёти он рӯ ба рушд аст, бе воситаи тарғиботию ташвиқотӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. «Боҷу хироҷ» маҳз ҳамон паёмрасоне гашт, ки бо оммаи мардуми кишвар бобати ҳадафҳои созандаи давлат дар соҳаи иқтисодиёт гуфтугӯ мекунад. Дар ин кори пуршараф Исматулло Ибодзодаро бо вуҷуди он, ки имрӯз дар байнамон нест, шарики доимии худ медонем.

**Роҳбарият ва кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯзномаи «Боҷу хироҷ» аз вафоти Исматулло Ибодзода сахт андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва наздикону пайвандони марҳум аз даргоҳи худованд сабри ҷамил мехоҳанд.**

**Рӯҳат шоду манзили охиратат obод бод!**

# Мушкили ба қайд нагирифтани коргарони кироя

**Мардуми кӯҳистон аз қадим одате доштанд, ки рӯзҳои истироҳат вақташонро дар корҳои ҳашар сарф мекарданд. Ҳар як сокини деҳа бо дили пур дар аввали баҳор таҳкурсии хонаро мегузошт, зеро бовар дошт, ки бо кӯмаки ҳамсояҳо то фарорасии фасли сармо ба хонаи наваш мекӯчад.**



Баробари оғоз ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисоди бозорӣ ин суннати қадима батадриҷ аз байн рафт. Акнун сокинони деҳоти дурдаст ҳам талош мекунанд, ки бо пардохти музди муайян устоҳои касбиро киро намоянд. Аз суҳбат бо коргарони кироя аён мегардад, ки онҳо аз ҳаққи меҳнати худ розӣ мебошанд, аммо агар ба ҳисоботи баъзе аз нозиротҳои андози ноҳияҳои вилоят назар андозед, ангушти ҳайрат мегазед.

Мутобиқи ҳисоботи Нозироти андоз дар ноҳияи Ишкошим музди меҳнати коргарони кироя 261 сомонӣ, дар ноҳияи Мурғоб 30 сомониро ташкил медиҳад, ки ин аз ҳақиқат фарсахҳо дур аст. Ҳеҷ як коргари кироя бо чунин маош ҳатто чӯберо боли чӯби дигар намегузорад. Зеро ҳама медонанд, ки музди ниҳоии меҳнат дар ҷумҳурӣ на камтар аз 400 сомонӣ мебошад. Наход марди ҳунарманд розӣ мешавад, ки бо 30 ва ё ҳатто 200 сомонӣ дар ин ё он сохтмон кореро анҷом диҳад?

Ба гуфтаи муовини сардори Раёсати андози вилоят, ба ин кор соҳибкорон ба мақсади рӯпӯш кардани даромади аслии худ ва кам пардохт намудани андоз даст мезананд. Дар се моҳи соли равон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳамагӣ 265 нафар коргари кироя ба қайд гирифта шудаанд ва аз ин ҳисоб ба буҷети маҳаллӣ 143,8 ҳазор сомонӣ ворид гаштааст. Дар муқоиса ба семоҳаи як соли пеш шумораи коргарони кироя рӯ ба афзоиш ниҳодааст ва маблағҳо аз ин ҳисоб низ назар ба ҳамин давраи соли гузашта 57 ҳазору 723 сомонӣ бештар мебошад. Аммо аз санҷишу таҳлилҳо бармеояд, ки соҳибкорон ҳанӯз ҳам ғайрирасмӣ аз қувваи кории коргарони кироя зиёд истифода мебаранд. Ҳангоми натиҷагирӣ аз фаъолияти семоҳа ба ҳамаи нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят дастур дода шуд, ки бори дигар шеваи истифодаи коргарони кироя дар муассисаҳои сохтмонӣ, фарҳангу маориф ва тандурустиро мавриди санҷиш қарор диҳанд.

Санҷишҳои чанд моҳи охир шаҳодат медиҳанд, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят даҳҳо ошхонаву қаҳвахонаҳо ва дигар намуди марказҳои хизматрасониҳои маишӣ ба кор андохта шудаанд, аммо на ҳамаи соҳибкорон шумораи дақиқи кормандони худро ба нозиротҳои андоз пешниҳод мекунанд. Аз ин рӯ, ба нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят зарур аст, ки назоратро аз болои чунин муассисаҳои хизмати маишӣ пурзӯр ва коргарони кирояро ба андозбандӣ ҷалб намоянд. Зеро ин яке аз манбаъҳои воқеии даромад ба буҷет мебошад.

**Довари БОВАР**

**Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода, сардори Нозироти андозсупорандагони миёна Ф. Сафарализода, сардори шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар шаҳри Душанбе Б.Алиев инчунин роҳбарон, сармуҳосибон ва намояндагони як қатор корхонаҳо семинар - машварат баргузор гардид. Дар он масъалаҳо доир ба ҷалби андозбандии ширкатҳое, ки ба хизматрасонии нақлётӣ, воридоти молу маҳсулот аз хориҷи кишвар машғул мебошанд (ба ном ширкатҳои «якрӯза») ва пайгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва анбори электронӣ дар вақти таҳвили молу маҳсулот мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.**



# Ба андозбандӣ ҷалб намудани ширкатҳои нақлиётӣ

Ш. Кабирзода оид ба тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо, дуруст нишон додани андозҳо дар эъломияҳои андоз, гаронии маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо, шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнат, ҳамзамон дуруст дохил намудан ва таҳвили молу маҳсулоти воридгардида аз анбори электронии андозсупорандагоне, ки ба хизматрасонии нақлётӣ ва воридоти молу маҳсулот аз хориҷи кишвар машғул мебошанд, суханронӣ намуд.

Номбурда қайд кард, ки имрӯз яке аз проблемаҳое, ки мақомоти андозро ба ташвиш овардааст, ин вазъи андозсупории ширкатҳои ба ном "якрӯза" мебошад, ки воридоти молу маҳсулоти дигар андозсупорандагонро ба уҳда гирифта, манбаи андозбандишавандаи онҳоро пинҳон карда истодаанд. Ҳамзамон, аз ҷониби чунин ширкатҳо дидаву дониста молу маҳсулоти мавҷуднабударо ба анбори электронӣ ворид карда, минбаъд ин маҳсулотро ба дигар андозсупорандагон таҳвил намуда истодаанд. Бар замми ин, гаронии маблағи андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозсупорандагони мазкур нисбат ба даромади умумӣ дар сатҳи паст қарор дошта, танҳо аз 1,0 то 2,0 ва 2,1 фоизро ташкил медиҳад ва як қисми онҳо дар назди буҷет бақияи қарзи андоз доранд.

Доир ба масъалаҳои фонди музди меҳнат ва шумораи коргарони кироя сухан рафта, аз ҷумла қайд шуд, ки аз ҷониби ширкатҳое, ки ба хизматрасонии нақлётӣ ва воридоти молу маҳсулот аз хориҷи кишвар машғул мебошанд, шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнат пурра нишон дода намешавад.

Гуфта шуд, ки аксарияти ширкатҳо дар фаъолияти худ ҳангоми таҳвили молу маҳсулот, дидаву дониста ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашудаи қалбакиро ба харидорони молу маҳсулот тахия ва пешниҳод менамоянд, ки ин ҳолат барои беасос ҳисобгирӣ кардани дигар андозсупорандагон ва пайдо гардидани изофапулиҳои нодурусти ААИ мусоидат менамояд. Вобаста ба масъалаи мазкур таъкид шуд, ки дар шароити имрӯза мақомоти андоз имконият дорад, ки ҳисобнома-фактураҳои ААИ-и андозсупорандагонро пайгирӣ карда, дар сурати ошкор шудани ҳолатҳои нодурусти пешниҳоди он чунин амалиётро тариқи барномаи компютерӣ бекор намояд.

Сипас, сардори Нозироти андозсупорандагони миёна Ф.Сафарализода вобаста ба камбудиҳои ҷойдошта фикру андешаҳои худро баён намуд.

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки гаронии андози ширкатҳое, ки ба хизматрасонии нақлиётӣ ва воридоти молу маҳсулот аз хориҷи кишвар машғул мебошанд, ба миқдори на камтар аз 3 фоиз расонида шавад. Инчунин, шумораи коргарони кироии ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди «Ориёно 2017» ба 30 нафар, «Набӣ 2017» ба 15 нафар, «Қайсар» ба 20 нафар, «Тиҷорат 2017» ба 15 нафар, «Абдураҳмон 2» ба 15 нафар, «Сомон вароруд» 8 нафар, «Истиқлолият 26» ба 20 нафар, «Ҳулбук Нақлёт» ба 20 нафар, «ШСВИ Рамзи Сомон» ба 30 нафар, «Султонбек» ба 15 нафар, «Кафолат, содирот, воридот» ба 30 нафар, «Ҳадисаи Ҳабибулло» ба 20 нафар, «Собит Тиҷорат» ба 20 нафар, «Фирдавс 2011» ба 20 нафар ва «Парвиз 2017» ба 30 нафар расонида шавад.

**Дар фарҷоми ҷаласа аз намояндагони ширкатҳо даъват ба амал оварда шуд, ки дар муддати кӯтоҳ камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намуда, уҳдадориҳои андозиашонро дар назди буҷет иҷро намоянд.**

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Палестина просит Россию добиться отмены удержания налогов Израилем

**Палестина хочет, чтобы Израиль прекратил удерживать палестинские налоги и возместил все средств ее гражданам**



Глава правительства Палестины Мухаммад Штайе призвал РФ добиться от Израиля, чтобы тот перестал удерживать налоги и немедленно погасил все задолженности перед палестинцами, пишет РБК.

Штайе на прошлой неделе встретился с руководителем российской дипломатической миссии в Палестине Айдаром Аганиным. На встрече они обсудили расширение двустороннего сотрудничества и создание российской промышленной зоны для привлечения инвесторов в Палестину. По словам Штайе, что совместно с Китаем, Францией, Великобританией, членами Совета Безопасности ООН должна созвать международную мирную конференцию для решения палестинской проблемы и прекращения конфликта в регионе.

Согласно норвежским соглашениям, Израиль выступает налоговым агентом по отношению к Палестине, перечисляя туда таможенные пошлины с товаров, которые прибывают на его территорию для палестинских адресатов.

http://taxpravo.ru/international/novosti

# Воситаи пешгирикунандаи қонуншиканӣ

**Борҳо шоҳиди муноқишаи харидорон бо фурӯшандаҳо шудаем. Сабабҳо гуногунанд. Аммо сабаби аслӣ дар маҳсулоти харидашуда ва пешниҳоди чипта зоҳир мешавад. Шахсе аз мағозае маҳсулот харидааст ва чун ба хона мебараду мебинад, ки пастсифат аст, ба фурӯшгоҳ бармегардонад. Вале фурӯшанда онро бозпас гирифтанӣ нест. Байнашон баҳс ба вуҷуд меояд. Дар ин миён чиптаи мошинии назоратию хизинавӣ, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, метавонад ба баҳс хотима бахшад, аммо онро ё фурӯшанда пешниҳод накардааст ё харидор аҳамият надода нагирифтааст. Нофаҳмӣ миёни фурӯшандаҳо ва истеъмолгарон аз ҳамин ҷо пайдо мешавад.**



Дар ин ҳолат бояд корманди мақомоти андоз дар фаъолияти фурӯшанда корҳои назоратӣ гузаронад. Чунки надодани чипта аз ҷониби фурӯшанда ва ё нодуруст ворид намудани маълумот ба МНХ ба мақомоти андоз имконият медиҳад, ки дар фаъолияти фурӯшанда хариди назоратӣ гузаронад.

Зимнан, мақсад аз гузаронидани санҷиши андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти сариваќтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда мебошад.

Корҳои назоратӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо ҳанӯз ҳам корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида қонунвайронкуниҳои андозро ошкор менамояд.

Барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва истифодаи МНХ аз ҷониби онҳо кормандони мақомоти андоз дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) мебошад.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадсаид Давлатзода иттилоъ дод, дар давоми се моҳи соли 2019 дар мақомоти андози кишвар, дар маҷмӯъ, ба маблағи 5086,9 ҳазор сомонӣ 1241 адад хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ки аз ин маблағ 3460,1 ҳазор сомонии он ба буҷет творид гардидааст. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 399 адад ва ба маблағи 2003,3 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Ба гуфтаи ӯ, кор дар самти маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андоз ва маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ идома дорад.

Мавсуф қайд намуд, ки дар ин давра Дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1301,0 ҳазор сомонӣ 251 хариди назоратӣ гузаронидааст, ки аз ин 958,7 ҳазор сомонии ҷаримаи маъмурӣ ба буҷет таъмин гардидааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2018-ум ба маблағи 899,5 ҳазор сомонӣ 162 харидӣ назоратӣ ва маблағи ба буҷет воридгардида 803,8 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Раёсти андоз дар шаҳри Душанбе 184 хариди назоратӣ ба маблағи 904,6 ҳазор сомонӣ, мақомоти андоз дар вилояти Суғд 311 хариди назоратӣ ба маблағи 1023 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 233 хариди назоратӣ ба маблағи 825,1 ҳазор сомонӣ, Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) 38 хариди назоратӣ ба маблағи 146,1 ҳазор сомонӣ ва Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) 108 ба маблағи 451,8 ҳазор сомонӣ хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ки қисми зиёди маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ ба буҷет пардохт гардидааст.

Бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, фаъолияти мақомот дар самти назорати истифодаи МНХ, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани хариди назоратӣ аз ҷониби нозиротҳои андози баъзе аз шаҳру ноҳияҳо қаноатбахш нест. Яъне дар баробари он ки дар баъзе шаҳру ноҳияҳо хариди назоратӣ ба таври зарурӣ гузаронида шудааст, боз ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки дар он аз як то се хариди назоратӣ гузаронида шудаасту халос. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол 3 хариди назоратӣ, Ашт 4 хариди назоратӣ, Шаҳристон 1 хариди назоратӣ, Дӯстӣ 1 хариди назоратӣ, Ҷайҳун 2 хариди назоратӣ, Шаҳритус 3 хариди назоратӣ, Норак 2 хариди назоратӣ, Данғара 2 хариди назоратӣ, Носири Хусрав 3 хариди назоратӣ, Левакант 1 хариди назоратӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 2 хариди назоратӣ, Фархор 1 хариди назоратӣ, Ховалинг 3 хариди назоратӣ, Муъминобод 1 хариди назоратӣ, Шамсиддини Шоҳин 1 хариди назоратӣ, Балҷувон 1 хариди назоратӣ, Шаҳринав 1 хариди назоратӣ, Тоҷикобод 2 хариди назоратӣ, Рашт 3 хариди назоратӣ ва Варзоб 1 хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ки ин, албатта, нокифоя мебошад. Шаҳру ноҳияҳои Лахш, Нуробод, Сангвор, Панҷ ва Темурмалик дар ин давра умуман хариди назоратӣ нагузаронидаанд, ки ин аз бемасъулиятии кормандони он дарак медиҳад.

Ин ҳам дар ҳолест, ки аз ҷониби Раёсати санҷиши андозҳо пайваста ба мақомоти ҳудудии андоз оид ба гузаронидани харидҳои назоратӣ ва пешниҳоди сариваќтии ҳисобот ба мақомоти ҳудудии андоз такроран барқияномаҳо ирсол шуда буд. Тибқи барқияномаҳои ирсолгардида, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки дар як моҳ на кам аз 5 адад хариди назоратӣ гузаронанд.

Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти мақомот дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар самти таъмини андозсупорандагон бо МНХ-и дорои ТИЭ ва гузаронидани хариди назоратӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Илова бар ин, кормандони шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки дар фаъолияти андозсупорандагони вобасташуда дар як моҳ на кам аз панҷ хариди назоратӣ гузаронанд.

Бинобар ин, бо мақсади тақвият бахшидан ва беҳтар кардани самаранокии гузаронидани харидҳои назоратӣ мақомоти ҳудудии андоз вазифадоранд, ки бо риояи талаботи муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва мактубҳои супоришии Кумитаи андоз дар фаъолияти андозсупорандагон хариди назоратӣ гузаронанд. Камбудиҳои дар самти гузаронидани корҳои назоратӣ ҷойдошта бояд давра ба давра ислоҳ шуда, самаранокии фаъолият дар ин самт беҳтару хубтар таъмин гарданд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Вазъи воридоти андозҳо

**Дар семоҳаи аввали соли 2019-ум кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод иҷрои нақшаи андозҳоро ба андозаи 101 фоиз таъмин намуданд. Дар ин давра ба ҷойи 3 млн. 500 ҳазору 946 сомонӣ, ба буҷети давлатӣ 3 млн. 535 ҳазору 359 сомонӣ ворид карданд.**

Тавре аз нозироти андози ноҳия иттилоъ доданд, ҳарчанд дар ноҳия нақшаи ҳамаи намудҳои андозҳо таъмин гардидааст, мутаассифона, бақияи қарзи андоз яке аз масъалаҳои ташвишовар боқӣ мондааст. Тибқи маълумоти дастрасшуда бақияи қарзи андоз дар ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2019-ум ба 2 млн. 145 ҳазору 976 сомонӣ расид. Ба 1 апрели 2019-ум бақияи қарзи андоз 1 млн. 972 ҳазору 943 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба аввали соли 2019-ум 173033 сомонӣ кам шудааст.

Кормандони нозироти андози ноҳия ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз ва боло бурдани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон аз ҳама имкониятҳо истифода намуда, пайваста кӯшиш мекунанд, ки бештар бо андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинар-машваратҳоро ба роҳ монанд. Аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия ҷиҳати маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андоз ба маблағи 1050500 сомонӣ 20 қарор қабул гардидааст.

Дар ин давра нисбати 12 андозсупоранда барои риоя накардани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 14 ҳазору 922 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб ёфтааст, ки аз маблағи зикршуда 6 ҳазору 250 сомонии он вориди буҷет гардид. Ба 3 андозсупорандаи дигар ба андозаи 17 ҳазору 949 сомонӣ огоҳинома ирсол шуд, ки 15077 сомонии он ба буҷет таъмин гардид. Феълан, дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод 449 шахси ҳуқуқӣ, 296 нафар соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда, 108 соҳибкори тибқи шаҳодатнома амалкунанда ва 4342 адад хоҷагии деҳқонӣ дар қайди нозироти андози ноҳия мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар семоҳаи аввали соли 2019 аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия ҷиҳати ошкор сохтани маблағҳои пинҳоншуда дар фаъолияти 2 андозсупоранда ба маблағи 31 ҳазору 699 сомонӣ назорати камералӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа, маблағи 6 ҳазору 824 сомонии он пурра вориди буҷет шуд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Бразильские налоговики заблокировали имущество Неймара за неуплату налогов

**Власти страны подозревают его в неуплате 17,5 млн долларов налогов**

Бразильские налоговики заблокировали часть имущества футболиста французского ПСЖ Неймара, пишет ТАСС со ссылкой на издание Folha de S.Paulo.

«Блокировка является обеспечительной мерой. Это нормальная практика. Оно (имущество) по-прежнему принадлежит владельцу», — заявил адвокат футболиста Маркус Недер. Местные налоговые органы подозревают Неймара в неуплате налогов в размере 17,5 млн долл. в результате перехода из бразильского «Сантоса» в испанскую «Барселону».

В связи с этим был наложен арест на самолет Cessna Citation 680, вертолет Eurocopter France 130 B4, а также доли в компаниях, которые принадлежат семейству Неймара.

http://taxpravo.ru

# Таҳлил ва мукаммалгардонии маъмурикунонии ҳисоби андозҳо ва пардохтҳо

**Асоси мавҷудияти ҳар як давлатро дар ҷомеаи муосири мутамаддин буҷет ташкил дода, аз ҳисоби маблағҳои он хароҷот барои рушди иқтисодиёт, таъминоти мақомоти идора, мудофиа, инчунин таъминоти аҳолӣ бо кафолатҳои иҷтимоӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи тартибот ва ҳуқуқ маблағгузорӣ мешаванд. Бузургии қисми даромади буҷетро асосан системаи босамар амалкунандаи андоз муайян менамояд.**

Дар байни фишангҳои зиёди иқтисодӣ, ки давлат бо ёрии онҳо ба иқтисоди бозорӣ таъсир мерасонад, андоз мавқеи муҳим дорад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ, махсусан дар марҳалаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, системаи андоз яке аз танзимсозандаҳои муҳимтарини иқтисодӣ, фишанги асосии молиявию қарзии танзимсозии давлатии иқтисодиёт мебошад. Андозҳо ҳам ба мисли тамоми системаи андоз воситаи муҳими идоракунии иқтисодиёт дар шароити бозорӣ мебошанд.

Фаъолияти босамари тамоми хоҷагии халқ ба дуруст бунёд шудани системаи андозбандӣ алоқаманд аст.

Бо сабаби рушд кардани муносибатҳои бозорӣ ва андозбандӣ, ки ба навъи мазкури рушди иқтисодиёт марбут мебошанд, на танҳо баҳисобгирии андозҳо ба масъалаи рӯзмарра табдил меёбад, инчунин таҳлил ва мукаммалгардонии онҳо низ аҳамияти калон пайдо мекунанд.

Таҳлил барои интихоби дурусти усулҳои идора шароит фароҳам сохта, ба муайян сохтан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам мусоидат мекунад.

Мукаммалгардонии андозбандӣ имкон медиҳад, ки барои ҳолати мушаххаси фаъолияти хоҷагидории ташкилот қарори муносиб қабул гардад. Мукаммалгардонии андозбандӣ, ки бо усулҳои қонунӣ амалӣ мегардад, ояндабинии хатарҳои эҳтимолии вазъи мураттаби ташкилотро дар бозор таъмин менамояд, зеро барои дар ҷараёни фаъолияти хоҷагидорӣ роҳ надодан ба зарари калон имконият фароҳам месозад.

Дар ҷараёни идоракунии андозҳо воситаҳои гуногуне истифода мешаванд, ки онҳо барои дар соҳаи таъсиргузории андозсупоранда ба параметрҳои андозбандӣ қарорҳои ба мақсад мувофиқ ташаккул дода мешаванд. Таҳлил яке аз воситаҳои муҳимтарини идоракунии андозҳо буда, дар рафти он захираҳои қаблан истифоданашуда ва роҳҳои мукаммалсозии гаронии андоз муайян карда мешаванд. Бо ёрии методҳо ва усулҳои таҳлил соҳаи истифодабарии усулҳои таҳлилӣ ҳангоми омодасозии иттилооти иқтисодӣ барои қабули қарорҳои идорӣ васеъ гашта, ин ҳолат имкон медиҳад, ки онҳо нисбатан беҳтар асоснок гардонда шаванд.

Таҳлил – ин ба бахшҳо ҷудо кардани иттилоот дар бораи объекти идора, омӯзиш ва баҳодиҳии онҳо дар ҳамаи самтҳои робитаҳо ва алоқамандиҳо барои қабули қарорҳои минбаъдаи идорӣ мебошад. Ҳар гуна фаъолияти идорӣ ҳатман бо фаъолияти таҳлилӣ алоқаманд гардонда мешавад, яъне таҳлил шаффофияти иттилоотии объекти идора барои имкони қабули қарорҳои босамарро таъмин мегардонад.

Ҳамин тариқ, таҳлил, ҳамчун фаъолияти махсуси идорӣ аз як тараф қабули қарорҳои босамари идориро таъмин намуда, аз тарафи дигар ба омӯзиши онҳо бо равандҳои ташкилот ва танзимгардонӣ иҷрои қарорҳои қабулшударо таъмин мегардонад.

Барои мукаммалгардонии андозҳо дар соҳаи манфиатҳо бояд пардохтҳои ҷудогона мавҷуд бошад ва, дар маҷмӯъ, онҳо бо системаи андозбандии ташкилоти мазкур бояд муттаҳид гардонда шаванд. Хангоми таҳлил, инчунин, параметрҳои муайяни хоси андозбандии ташкилот, бо дарназардошти соҳа ва шакли ташкилию ҳуқуқии он, бояд ба эътибор гирифта шаванд. Сатҳ, сохтор, динамикаи андозҳо ва қарзҳои андоз ба самаранокии фаъолияти ташкилот, фаъолӣ ва вазъи молиявии он марбут мебошанд.

Бо ҳамин сабаб чунин навъи таҳлили андоҳоро гузарондан зарур аст, ки он барои ба таври системанок ва ҳамаҷониба омӯхтани ҳамаи параметрҳои андозбандӣ, тамоми маҷмӯи нишондиҳандаҳо ва омилҳои онро муайянкунандаи ба методикаи таҳлил асосёфта имконият фароҳам гардонад. Муайян намудани мавқеи таҳлили андозҳо дар системаи таҳлили иқтисодиро он чиз асоснок месозад, ки ба сифати махзани иттилоотии таҳлили андозҳо иттилооти иқтисодӣ – маълумоти ҳисобдорӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ, истифода бурда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили андозҳо тадқиқи маҷмӯии андозҳое аст, ки онҳо бо системаи андозбандии ташкилот, бо дарназардошти соҳа ва шакли ташкилию ҳуқуқии он, муттаҳид гардонда шудааст. Он методҳои таҳлили андозҳо, ки муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод менамоянд, маъмулан, оид ба гузарондани таҳлили горизонталӣ, вертикалӣ ва омилии андозҳо тавсияҳоро низ дар бар гирифтаанд. Таҳлили горизонталӣ, вертикалӣ ва омилии андозҳо яке аз самтҳои таҳлили андоҳо буда, се марҳаларо дар бар мегиранд:

Марҳалаи якум «Таҳлили динамика, таркиб ва сохтори андозҳо» имкон медиҳад, ки таркиби пардохтҳо ба буҷет дар давраҳои ҳисоботӣ ва гузашта таҳлил шаванд; ҳиссаи ҳар як намуди пардохти андозӣ дар маҷмӯъ ҳисоб карда шавад; динамикаи андозҳо ва суръатҳои занҷирӣ ва базисии тағйирот ва суръати миёнаи солонаи тағйирёбии андозҳо дар якчанд давра ҳисоб карда шавад.

Дар марҳалаи дуюм «Гурӯҳбандӣ ва таҳлили сохтори андозҳо вобаста ба манбаъҳои пардохти онҳо» пардохтҳои андозӣ дар гурӯҳҳо бо дарназардошти манбаи пардохти онҳо муттаҳид гардонда мешаванд. Ҳиссаи онҳо дар манбаи пардохт, ҷамъи андозҳои чунин манбаи пардохт ҳисоб карда мешавад.

Дар марҳалаи сеюм «Таҳлили омилҳои андозҳо» таҳлили омилҳои суммаҳои асосии андозҳое гузаронда мешавад, ки онҳоро ташкилот пардохт мекунад. Омилҳои аввалиндараҷае, ки ба ҳамаи намудҳои андозҳо таъсир мерасонанд, меъёри андоз ва базаи андозбандӣ мебошанд. Омилҳои дуюм ва сеюмдараҷа вобаста ба таркиби андозбандишаванда муқаррар карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлил ва мукаммалгардонии андозҳо ва пардохтҳо яке аз самтҳои муҳимтарини таҳлили фаъолияти хоҷагидории ташкилот дониста мешавад.

Барои гузарондани таҳлил ва мукаммалгардонии ҳисобҳо оид ба андозҳо ва пардохтҳо, дар навбати аввал, баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозиро аз ҳам ҷудо намудан зарур аст, зеро чунон хадамоти молиявию муҳосибие ташкил намудан лозим аст, ки он ба сари вақт ва дақиқ ҳал кардани вазифаҳо ва баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ мусоидат карда тавонад.

Мукаммалгардонии ҳисобҳои андозӣ инчунин барои дуруст истифода кардани имтиёзҳои андозӣ ва ташкили дурусти муомилоти ташкилот, истифодаи технологияҳои назорати дохилии ҳисобҳои андозӣ ва дар ташкилот бо мақсади тахти надорат қарор додани мӯҳлатҳои пардохти ҳамаи намудҳои пардохтҳои андозӣ ба вуҷуд овардани тақвими андозӣ мусоидат мекунад.

Ҳангоми мукаммалгардонии андозҳо инчунин фаъолияти ҳисоботию таҳлилиро фаромӯш кардан лозим нест. Ҳар як ширкат бояд иттилооте дар ихтиёр дошта бошад, ки он нишондиҳандаҳои якчанд солро дар бар гирифта, натиҷаҳои мусбии усулҳо ва роҳҳои мукаммалгардонии андозҳо, сабабҳои иҷро нашудани ҳадафҳои дарпешгузошта, омилҳои ба натиҷаи ниҳоии молиявӣ таъсиррасон нишон дода шуда бошанд.

Чуноне, ки аз маълумоти зикр-гардида бармеоянд, дар ҳолати аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор тавассути усулҳои таҳлилӣ, ҳуқуқӣ ва идоракунӣ амалишаванда ва мунтазам таъмин гардидани нишондиҳандаҳои нақшавӣ оид ба ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва сари вақт омода гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодии оморӣ, пеш аз ҳама, ба дуруст муайян намудани манбаи андоз, ҳисоб кардани маблаги андоз, иҷрои нақшаи воридоти андоз ва пардохтҳо мусоидат менамояд.

**Маркази коркарди маълумоти**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Барӯихатгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул

**Бо мақсади амалӣ намудани баҳисобгирии пурраи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо, ташкил намудани Феҳристи ягонаи давлатии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ва ташкили шабакаи ягонаи электронии мубодилаи маълумот байни Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши дуҷониба ба тасвиб расонида шудааст.**

Дар асоси фармоиши мазкур баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ, дохил намудани маълумот ба барномаи компютерӣ ва инчунин ислоҳи камбудиҳои дар барнома ҷойдошта, баҳисобгирӣ дар шаҳру ноҳияҳо идома дорад.

Тавре муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид бо такя ба махзани маълумоти барномаи компютерии Системаи иттилоотии андоз (СИА) “Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ” (тафсири 3) иттилоъ дод, ба ҳолати 1-уми апрели соли 2019 дар шаҳри Душанбе аз 148040 объекти ғайриманқул дар 140067 адади он азнавбақайдгирӣ (инвентаризатсия) гузаронида шудааст, ки 95 фоизи шумораи умумии объектҳоро ташкил менамояд. Инчунин, дар 39622 адад қитъаи замини наздиҳавлигӣ пурра баҳисобгирӣ гузаронида шудааст.

Мавсуф гуфт, ки мутобиқи маълумоти барномаи компютерӣ баҳисобгирӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе, ба истиснои ноҳияи Сино, пурра ба итмом расидааст, аммо дар ноҳияи Сино баҳисобгирии объектҳои ғайриманқул ҳамагӣ 84,3 фоиз ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ 76,3 фоизро ташкил намудааст.

Ёдрас шуд, ки зимни баҳисобгирӣ ба суроғаи соҳибмулкон огоҳиномаҳо ирсол шуда, маълумоти зарурӣ, аз ҷумла, дурустии ному насаб, суроғаи истиқомат, ҳамчунин рақамҳои телефони соҳибмулкон гирифта шуда, ба барнома ворид карда мешаванд.

- Чуноне таҳлилҳо нишон медиҳанд, мегӯяд Обиди Маҳмадсаид,- бо вуҷуди зиёд гардидани объектҳои молу мулки ғайриманқул, яъне манбаи андоз воридоти маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар семоҳаи якуми соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе кам гардидаанд. - Сабаби асосии кам гардидани воридоти маблағҳо дар он мебошад, ки дар семоҳаи якуми соли 2018 дар ҳамаи нозиротҳои андоз гурӯҳҳои корӣ оид ба азнавбақайдгирии объектҳои ғайриманқул амал намуда, аз ҳисоби кам нишон додани масоҳат, нодуруст муайян намудани меъёри андоз ва молу мулки то ин вақт дар ҳисобнабуда, маблағҳои андозҳо аз молу мулки ғайриманқул иловагӣ ошкор ва ба фоидаи буҷет руёнида шуда буд.

Бо мақсади пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани хариду фӯруши объектҳои ғайриманқул, ки дар асоси аҳдҳои нотариалӣ бегона карда шудаанд, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе аз барномаи компютерии СИА “Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ” маълумоти вориднамудаи КВД “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул” дар шаҳри Душанберо таҳлил намуда, барои чораҷӯӣ ба нозиротҳои андоз ирсол намудааст. Дар ин муддат аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур аз 96 аҳди нотариалии оид ба молу мулки ғайриманқул дар 3 ҳолати он хариду фурӯш муайян карда шуда, ба маблағи 59373 сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб ва пардохт шудааст Аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ аз 73 аҳд дар 56 ҳолати он хариду фурӯш муайян карда шуда, ба маблағи 327825 сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб ва пурра ба даромади буҷет рӯёнида шудааст.

Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ аз 116 аҳди нотариалии оид бо молу мулки ғайриманқул дар 29 ҳолати он хариду фуруш муайян карда шуда, ба маблағи 855350 сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб ва пардохт шудааст. Аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Сино дар 160 ҳолати он хариду фуруш муайян карда шуда, ба маблағи 180000 сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб ва пардохт гардидааст.

Ҳамчунин, дар ин давра аз ҷониби Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе маълумоти гумрукии воридотии шахсони воқеӣ дар солҳои 2018-2019 барои ба андозбандӣ ҷалб намудан ба нозиротҳои андоз ирсол шуд. Дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур 278 нафар шахси воқеӣ ба маблағи умумии 22,9 млн. сомонӣ воридоти гумрукӣ намуда, аз ин ҳисоб 3 нафар шахси воқеӣ ба андозбандӣ ҷалб гардида, ба буҷет 9260 сомонӣ андоз рӯёнида шудааст. Дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 152 шахси воқеӣ ба маблағи умумии 14,1 млн. сомонӣ воридоти гумрукӣ намуда, нисбати 9 шахси воқеӣ ба маблағи 27800 сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб ва рӯёнида шудааст.

**М. ҶУМЪА**

**Раванди ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул дар шаҳри Душанбе рӯз аз рӯз вусъат ёфта, аз рӯи нишондиҳандаҳои воқеӣ дуруст андозбандӣ намудани он ба ҳаҷми воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ таъсири мусбӣ расонида истодааст. Ин аст, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ба ин самт таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.**

# Иҷорадиҳии молу мулк

Аммо, тавре натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашудаи кормандони раёсат нишон медиҳад, ҳоло ҳам қисми зиёди андозсупорандагон дар эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаашон даромади воқеан бадастовардашуда ва масоҳатҳои объектҳои ба иҷорадодаи худро дарҷ намекунанд ва шумораи иҷорагирандагони молу мулкро низ кам нишон медиҳанд. Инчунин, аз ҷониби баъзе иҷорадиҳандагони молу мулк эъломияҳои андозҳо пешниҳод ва пардохти маблағҳо сари вақт ба буҷет таъмин намегардад ва шартномаи иҷораро дар мақомоти андоз муддатҳои тӯлонӣ ба қайд намегиранд. Ғайр аз ин, бе бастани шартномаи иҷора фаъолияти соҳибкории худро ба роҳ мемонанд, ки дар натиҷа, боиси аз андозбандӣ дур мондани манбаи андоз мегардад.

Чуноне муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид гуфт, шумораи иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ба ҳолати 1-уми апрели соли 2019 дар шаҳри Душанбе 4514 адад ва шумораи объектҳои ғайриманқули баиҷорадодашуда 7524 ададро ташкил медиҳад. Масоҳати умумии объектҳои ғайриманқули ба иҷорадодашуда 530281 метри мураббаъро ташкил намуда, дар ин давра маблағи ҳисобшудаи андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи амволи ғайриманқул 1,9 млн. сомониро ташкил менамояд.

Аз 4514 адад иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқули шахсони воқеии мавҷудбуда ба ҳолати 1 –уми апрели соли ҷорӣ 805 адади он ба барномаи компютерӣ ворид карда шудааст. Шумораи эъломияҳои аз ҷониби иҷорадиҳандагон пешниҳодшуда 2662 ададро ташкил намуда, шумораи эъломияҳои пешниҳоднагардида 1580 ададро ташкил медиҳад.

Тавре аз таҳлил ва корҳои назоратӣ дар маҳалҳо вобаста ба баҳисобгирӣ ва бақайдгирии иҷорадиҳандагони молу мулк бармеояд, дар аксар ҳолатҳо аз ҷониби андозсупорандагон ба мансубияти молу мулк ва муносибати шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ аҳамияти зарурӣ дода намешавад ва дар ин хусус миёни соҳибмулкон ва истифодабарандагон, муассисони шахсони ҳуқуқӣ ва ҷамъиятҳо ҳатто шартномаи иҷора баста нашудааст.

О. Маҳмадсаид гуфт, ки вобаста ба ин аз ҷониби нозиротҳои андоз барои пешниҳод накардани эъломияҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон чораҳои зарурӣ андешида шудаанд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Шоҳмансур аз 944 андозсупоранда 264 субъект, Исмоили Сомонӣ аз 971 андозсупоранда 391 субъект, Фирдавсӣ аз 1025 андозсупоранда 404 субъект ва Сино аз 1302 андозсупоранда 521 субъект, дар маҷмӯъ аз 4242 андозсупоранда 1580 субъект эъломияҳои худро пешниҳод накардаанд.

Инчунин, зикр шуд, ки андозсупорандагон маблағи иҷорапулии объектҳои худро дар эъломияҳои андозӣ кам нишон медиҳанд. Таҳлили ҳисоботи андозсупорандагони ба фаъолияти иҷорадиҳии амвол машғулбуда дар шаҳри Душанбе дар соли 2019 нишон медиҳад, ки гарчанде тамоми андозсупорандагон дар ин соҳа як хел фаъолият доранд, аммо нишондиҳандаҳо гуногунанд.

О. Маҳмадсаид қайд намуд, ки дар аксар маврид даромадҳои шахсони воқеӣ ҳангоми ба иҷора додани молу мулк дар мақомоти ҳудудии андоз пурра таҳти андозбандӣ қарор нагирифтаанд. Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон додаанд, ки дар мақомоти ҳудудии андоз ҳолати ба иҷора додани қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёт аз тарафи шахсони воқеӣ ба қайд гирифта нашудааст. Чуноне мушоҳида мешавад, агарчи шумораи зиёди шахсони воқеӣ воситаҳои нақлиёт ва қитъаҳои замини худро ба ин ё он андозсупоранда, хусусан, ба хоҷагии деҳқонӣ ба истифодаи муваққатӣ ба иҷора дода, аз ин ҳисоб даромадҳои муайяне ба даст меоранд, вале то ҳол ин нафарон ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз расман ба қайд гирифта нашудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии маблағи андоз аз даромад, пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки манқул ва ғайриманқули шахсони воқеӣ, инчунин, дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дуруст дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 26.10.2017, №486 ба тасвиб расидааст. Ғайр аз ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам оварда истодааст, ки тамоми хизматрасониҳои худро бо андозсупорандагон пурра тариқи электронӣ ба роҳ монад, то ки пеши роҳи қонуншиканиҳо гирифта шавад.

Бо мақсади сарфаи вақти кории андозсупорандагон ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромад, ташкили махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк, инчунин, оид ба сари вақт ва дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад дар мақомоти андоз барномаи алоҳидаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифтааст. Тавассути барномаи компютерии мазкур андозсупорандагон ва иҷорадиҳандагон имкон доранд, ки дар шакли электронӣ молу мулки баиҷорадодаи худро ба қайд гирифта, эъломияи андозро пешниҳод ва маблағи андозро пардохт намоянд. Ҳамзамон, барои андозсупорандагоне, ки чунин имкониятро надоранд, бақайдгирии объектҳои молу мулки ба иҷорадодашуда аз ҷониби кормандони мутасаддии мақомоти андоз сурат мегирад.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

# МНХ-ҳо - таҳти назорат

**Нозироти андози ноҳияи Қубодиён дар се моҳи аввали соли 2019 иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмиро, бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ, ба андозаи 100,3% таъмин карда, ба ҷойи 13783458 сомонӣ ба буҷет 13903970 сомонӣ ворид намудааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда ба маблағи 120512 сомонӣ зиёд мебошад.**

Дар ҳамин давра нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 100,3% иҷро шуда, ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 3019056 сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақшаи пешбинигардида 9944 сомонӣ бештар аст.

Гузаронидани корҳои назоратӣ яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад. Дар се моҳи аввали соли 2019 кормандони нозироти андози ноҳия дар фаъолияти 66 андозсупоранда назорати камералии эъломия ва ҳисоботи андоз гузаронидаанд, ки дар натиҷа ба маблағи 219063 сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор гардид. Бо пешниҳоди огоҳиномаи назорати камералӣ аз тарафи андозсупорандагон ба маблағи 219063 сомонӣ эъломия пешниҳод гардид, ки 100%-и маблағи умумии андозҳои ҳисобшударо ташкил медиҳад.

Тавре ба назар мерасад, имрӯзҳо кормандони мақомоти андози кишвар кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра тамоми марказҳои савдо ва хизматрасонии кишварро бо МНХ-и дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (ТИЭ) таъмин намоянд. Инчунин, дар доираи маълумоти тариқи электронӣ аз МНХ-и соҳибкорон воридгардида, мақомоти андоз назорати раванди истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ва додани чипта ба истеъмолкунандагонро зери назорат қарор дода, пеш аз ҳама, бо андозсупорандагоне, ки дар мавриди истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ба қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд, корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронад. Ба истилоҳи дигар, истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ имкон медиҳад, ки фаъолияти андозсупоранда ва интизоми ӯ оид ба истифодаи МНХ дар низоми мустақим зери назорат қарор гирифта, масъулияти андозсупоранда ҷиҳати риояи қонунгузории андоз баланд бардошта шавад ва сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон беҳтар гардад.

Дар ин давра кормандони мақомоти андози ноҳия дар фаъолияти 2 адад андозсупоранда, ки ба хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ машғул буданд, мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ насб карданд. Таъмини 12 адади дигар бо МНХ дар ҳоли баррасӣ қарор дорад.

Ҳамзамон, дар ин давра нисбати 14 адад андозсупорандае, ки талаботи моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба истифодабарии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ҳангоми муомилот бо пули нақд бо истеъмолкунандагон риоя накардаанд, бо дастрасии моддаҳои 614-615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 37400 протоколҳои маъмурӣ татбиқ шуда, аз ин ҳисоб 18200 сомонӣ ба буҷет пардохт гардид.

Самти дигари фаъолияти мақомоти андоз санҷиши амалиётӣ ба ҳисоб меравад, ки он барои бартараф ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои андоз мусоидат менамояд. Дар ҳамин давра дар фаъолияти 518 адад андозсупоранда санҷиши амалиётӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷа, ба маблағи 69500 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб шуда, он пурра ба буҷети маҳалли ноҳия ворид гардид. Инчунин, нисбати 49 андозсупоранда, ки талаботи Кодекси андозро иҷро накардаанд, ба маблағи 54800 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъйин шуд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ,**
**Неъматулло ЗОИРЗОДА**
**ноҳияи Қубодиён**

# Ҳадаф: пешгирӣ аз қонунвайронкуниҳо

**Корҳои назоратӣ баҳри ошкор намудани маблағҳои пинҳонкарда ва қонунвайронкуниҳо роҳандозӣ гардида, ҳамзамон канорагирии андозсупорандагонро аз пардохти маблағи андозҳо муайян месозад.**

Вобаста ба ин, кормандони Нозироти андозсупорандагони калон мувофиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз рӯйи нақшаи пешбинишуда, ҳамчунин, тибқи аризаҳои андозсупорандагон ва дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар се моҳи соли 2019 дар фаъолияти 18 андозсупоранда санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронидаанд. Тавре ки дар банди 6 моддаи 28 Кодекси андоз зикр шудааст, санҷишҳои маҷмӯии андозро мақомоти андоз тибқи муроҷиати хаттии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо нисбат ба ҳамон андозсупорандагоне мегузаронанд, ки нисбат ба онҳо тасдиқи хаттӣ дар бораи оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ бо нишонаҳои ҷиноятҳои ба андозбандӣ алоқаманд ворид шуда бошад. Санҷишҳои мутақобилаи андоз нисбат ба дигар шахсони бо андозсупорандагони зикршуда алоқаманд, ки дар муроҷиатҳои хаттии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян шудаанд, дар ҳолатҳои пешниҳод шудани қарори дахлдор гузаронида мешаванд.

Тибқи маълумот дар натиҷаи гузаронидани корҳои назоратӣ дар ин самт ба маблағи умумии 12,7 миллион сомонӣ ҳолатҳои кам ҳисобкунӣ ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардидаанд, ки ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли 2018 дар ҳаҷми 10,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Нозироти андозсупорандагони калон, ҳамчунин, аз ҳисоби корҳои назоратӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, дар маҷмӯъ, 13,9 миллион сомонӣ ворид кардааст. Аз ин ҳисоб, 12,7 миллион сомонӣ дар натиҷаи санҷиши андозҳои давраи семоҳаи якуми соли равон ва 1,2 миллион сомонӣ аз ҳисоби маблағи ҳисобгардидаи санҷишҳои соли 2018-ум мебошад.

Дар баробари ин, дар се моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз фаъолияти 16 андозсупоранда зери санҷиши амалиётӣ қарор гирифтааст, ки дар натиҷа, 2838,6 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор гардидааст. Дар ин давра, аз ин ҳисоб, 2792,4 ҳазор сомонӣ вориди буҷет шудааст.

Дар доираи қонун зиндагӣ ва фаъолият намудан инсонро ба ҳама муваффақиятҳо ноил мегардонад. Аммо баромадан аз ҳадде, ки қонун муайян кардааст, шахсро ҷавобгар месозад.

Тибқи маълумоти Нозироти андозсупорандагони калон дар давоми се моҳи аввали соли 2019 дар рафти санҷишҳои амалиётӣ кормандони нозирот нисбати 17 шахси ҳуқуқӣ ба маблағи 20,6 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб додаанд. Дар ин давра, танҳо дар фаъолияти 4 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Сабаби чунин кам анҷом додани муоинаи хронометражиро НАК дар тариқи ғайринақдӣ ва яклухт таҳвил намудани молҳо арзёбӣ мекунад.

Ҳамзамон, дар давоми семоҳаи якуми соли равон дар фаъолияти 38 андозсупоранда хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ки маблағи он 146,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум амалиёти анҷомдодаи хариди назоратӣ 17 адад зиёд буда, маблағи ҳисобшуда 68,0 ҳазор сомонӣ афзудааст.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Террористон ва ифротгароён исломро на ҳимоя, балки бадном месозанд

**Солҳои охир терроризму экстремизм ҷаҳонро ба гирдоби вахшату низоъҳои хунбор рӯ ба рӯ намудаанд. Имрӯз аз ҳеҷ кас пӯшида нест, ки ҳар гуна ҳаракати даҳшатафканию ифротгароӣ боиси нооромии ҷамъият мегардад ва мардуми кишваре, ки дар он сулҳу субот ҳукмфармо нест, зиндагии орому осоишта надоранд, ба таназзул, гуруснагӣ, зулму тааддӣ ва хонавайронию гурезагӣ рӯбарӯанд.**

Воқеан, ҳар лаҳза аз таркишу хунрезиҳо дар масоҷиду бозор ё ҳамлаи ҷангиёни ба ном «муҳофизи ислом» ба мактабҳо, гаравгонгирии духтарони ноболиғи мактабхон, ғарқшавии гурезагон дар баҳрҳо хабардор мегардем, ғамгин мешавем. Маҳз террористон ва ифротгароён Афғонистон, Сурия, Яман, Либия, Ироқро ба кишварҳои ҷангзада табдил додаанд. Ваҳшонияти террористон ҳадду ҳудуд надорад.

Бузургтарин олимон ва донишмандони улуми ислом борҳо таъкид доштаанд, ки даҳшатафканию ҳаракатҳои террористии шахсиятҳои тундрав ба мардуми одӣ ва исломи воқеӣ ҳеҷ рабте надорад. Онҳо собит намудаанд, ки ҳар гуна куштор бо номи ҳимоят аз ислом ҷаҳолат аст ва ҳаргиз маънои онро надорад, ки онҳо исломро муҳофизат кардаанд ё мекунанд, зеро ислом ниёз ба ҳимояи мардуми террорист надорад. Куштани мусулмоне, ки Худоро ягона ва Муҳаммадро (с) пайғабари барҳақ медонад, гуноҳи азим аст. Исломи ҳақиқӣ хама гуна хунрезиро маҳкум мекунад. Дар ҳамин ҳол, террористон бештар масҷидҳоро метарконанд, ба ҳеҷ кас, ҳатто кӯдакон, занон ва пирсолон раҳм надоранд. Нияти онҳо ба вуҷуд овардани ваҳшату бесарусомонӣ ва баровардa сохтани мақсадҳои ифлос асту бас. Ҳар рӯз иттилоъ меёбем, ки аҳолии осоишта аз дасти гурӯҳҳои ифротию тундгаро ва шахсиятҳое, ки худро ҳомӣ ва сипари ислом тасаввур мекунанду дар асл мақсадашон дигар аст, ба ҳалокат мерасанд. Намунаи ваҳшатноки ин хунрезиро мо дар Афғонистон, Яман, Ироқ ва Сурия мушоҳида мекунем.

Мутаассифона, баъзе ҷавонони гумроҳи Осиёи Марказӣ низ ба ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ дониставу надониста ҳамроҳ мешаванд. Мақомоти қудратии Тоҷикистон ҳар моҳ аз боздошт шудани чанд тан барои ҳамроҳ шудан ба ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ хабар медиҳад. Ба андешаи ман, аҳли ҷомеа, мактабу донишгоҳҳо, ходимони фарҳангу дин бояд дар мубориза бо терроризму ифротгароӣ фаъол бошанд, то ки пеши роҳи ғояҳои ин даҳшатафканӣ гирифта шавад. Нуфузу талоши гурӯҳҳои ифротӣ дар кишварҳое зиёд аст, ки донишу фарҳанги мардум дар сатҳи лозимӣ нест. Террористону ифротгароён аз ин фурсат, аз ин вазъ истифода мекунанд. Аслиҳаи тавоно бар зидди терроризму экстремизм аслиҳа нест, балки ақидаву андеша ва донишу фарҳанги волои ҷавонон аст. Пас, моро зарур аст, ки пеши роҳи гароиши ҷавононро ба ин гурӯҳҳои нохалаф бигирем, бо донишу ҷаҳонбинӣ ва зиракии сиёсии худ парчамбардори кишвари хеш бошем, зеро осоиштагӣ, ки бузургтарин неъмат барои мардум мебошад, дар дасти худи мост.

**Ёраҳмад ҚАЛАНДАРЗОДА**

СЕМИНАР – МАШВАРАТ

# Бартариҳои

## хизматрасонии электронӣ

**4 майи соли 2019 дар Раёсати андози шаҳри Душанбе бо иштироки муовини сардори Раёсати андози шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид, кормандони раёсат ва андозсупорандагони ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар мавзӯи пешниҳоди эъломияҳо ба мақомоти андоз семинар – машварат баргузор гардид. Дар семинар – машварат роҳбарон, сармуҳосибон ва намояндаҳои як қатор ташкилоту корхонаҳо даъват шуда буданд.**

Обиди Муҳаммадсаид қайд намуд, ки дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир шароит фароҳам оварда шудааст, ки хизматрасониҳои мақомоти андоз давра ба давра пурра тариқи электронӣ ба роҳ монда шавад. Тартиби мазкур имконият медиҳад, ки андозсупорандагон бо харҷи камтар ва сарфаи вақт аз хизматрасониҳои мақомоти андоз бархурдор бошанд. Зикр шуд, ки Кумитаи андоз бо мақсади боз ҳам сода намудани фаъолияти андозсупорандагон ва дар ин замина дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андозҳо, барномаҳои компютерии Системаи иттилоотии андозро мавриди такмил қарор дода, пешниҳоди ҳисобот ва истифодаи ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашударо дар шакли электронӣ, марҳала ба марҳала амалӣ гардонида истодааст.

Тавре О. Муҳаммадсаид гуфт, бо ҷорӣ гардидани пешниҳоди ҳисобнома – фактураҳои электронии андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо кори андозсупорандагон то як андоза осон ва қулай гардид. Яъне пешниҳоди эъломия ва ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда дар шакли электронӣ агар аз як тараф барои сари вақт дастрас намудан ва бемамониат навиштани ҳисобнома-фактураҳо мусоидат кунад, аз тарафи дигар барои ба даст овардани маълумоти бештар оид ба фаъолияти андозсупорандагон, пешгирӣ кардани қонуншиканӣ дар самти баҳисобгирии маблағи андоз аз арзиши иловашуда аз ҷониби мақомоти андоз замина фароҳам меорад.

Дар семинар-машварат андозсупорандагоне иштирок доштанд, ки эъломияҳои андози худро то ҳол ба мақомоти андоз тариқи электронӣ пешниҳод намекунанд. Аз ин хотир, аз ҳар як даъватшуда омилҳои дар шакли электронӣ пешниҳод нашудани эъломияҳои андоз пурсида шуд. Дар натиҷа, муайян гардид, ки баъзеи онҳо аз хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз дуруст истифода карда наметавонанд. Иддаи дигар бо сабаби он ки гӯё макон ё фаъолияти соҳибкориашонро тағйир доданӣ ҳастанд, ҳанӯз ҳам эъломияҳои худро ба мақомоти андоз тариқи қоғазӣ пешниҳод мекунанд.

Баъд аз фаҳмонидани моҳият ва бартариҳои пешниҳоди эъломияҳои андоз тариқи электронӣ, андозсупорандаҳо омодагии худро ҷиҳати пешниҳоди электронии эъломияҳои андоз дар рӯзҳои наздик изҳор карданд.

**Дар интиҳо миёни кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон вобаста ба мавзӯи муҳокимашуда мубодилаи афкор сурат гирифт.**

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**



### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Ошхонаи Қалб» (РЯМ 0410025831) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ Филиали Шуъбаи Ассотсиатсияи ОКСФАМ Британиёи Кабир дар ҶТ дар шаҳри Кӯлоб (РМА 180008816) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Каляноофф» (РЯМ 0110018765) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «ДС-2014» (РЯМ 0210021039) воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Шаҳноза 01» (РЯМ 6210008375) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Умар-2014» (РЯМ 6210008787) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Бародарҳо» (РЯМ 0610001719) воқеъ дар шаҳри Роғун, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Вариант» (РЯМ 0110003594) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Мегабайт» (РЯМ 0110018985) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ КТ «Фарҳод 2010» (РЯМ 2910001738) воқеъ дар ноҳияи Вахш, баҳам мехӯрад.

■ КТ «Худруёни Ҳотамбек» (РЯМ 3310006306) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ КИ «Азизулло» (РЯМ 2910002453) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Фарзин - 21» (РЯМ 3410006967) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Симот» (РЯМ 2810004780) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Симот-1» (РЯМ 2810005275) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ КТ «Ҳаваскор» (РЯМ 2910083681) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ КТ «Муртазо Ҷурахон» (РЯМ 3310006929) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ КТ «Диловар М» (РЯМ 3310005005) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ КИ «Ҳазрати Бурхи Валӣ» (РЯМ 3310004143) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ориён наклиёт хизматрасон» (РЯМ 0410031949) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Аудит-2003» (РЯМ 031004695) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Негматова Мехрубон (РЯМ 2230030541) воқеъ дар ноҳияи Данғара, барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти ҷамъиятии «Чашмасор» (РЯМ 220006454) воқеъ дар ноҳияи Данғара, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Устоқараев Муҳибҷон (РЯМ 3830058779) аз ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бадрединова Латофат (РЯМ 2930042308) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи МД «Стансияи ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Хоруғ» (РМА 700007050) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ КИ «Азизулло» (РЯМ 2910002453) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Наврӯзов Умаралиҷон (РЯМ 2930081147) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сафаров Қурбоналӣ (РЯМ 2930015175) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Убайдуллоев Зафаршо (РЯМ 2930055893) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ризвонов Абдуллохон (РЯМ 2430048216) аз ноҳияи Муъминобод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сатторов Убайдулло (РЯМ 0331367759) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Набиев Назрулло (РЯМ 033007006) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Одинаев Аҳлидин (РЯМ 0331212705) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи ААИ силсилаи U 32 №008160 аз 1.01.2016 мутааллиқ ба КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и ноҳияи Қубодиён (РМА 320003602) аз ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Иброгимов Алишер (РЯМ 1930038129) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бақоев Абдумаҷид (РЯМ 6230014909) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ахмедов Акмал (РЯМ 6230156259) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Муҳри шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қодиров Мирбайзо (РЯМ 6230002525) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ибодов Фазлиддин (РЯМ 0730152491) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Солиев Саймухтор (РЯМ 0331219855) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

# БАҚАЙДГИРӢ



Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дар семоҳаи аввали соли 2019, дар маҷмӯъ, 131 адад субъекти хоҷагидорро ба қайди давлатӣ гирифтааст.

Аз он ҷумла, 75 адад хоҷагии деҳқонӣ, 8 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 48 нафар соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

Тавре мутахассиси пешбари бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии нозироти андози ноҳия Баҳодур Акбаров зикр кард, танҳо аз ҳисоби 131 адад субъекти хоҷагидор дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба буҷети давлатӣ 32 ҳазору 270 сомонӣ маблағ ворид гардидааст.

# Вохӯрӣ бо соҳибкорон

**Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ вохӯрӣ бо соҳибкорони шаҳри Кӯлоб баргузор гардид, ки дар он муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Муъминзода, муовини раиси вилояти Хатлон Р. Раҷабалӣ, сардорони Раёсати дастгирии соҳибкорӣ, Муассисаи давлатии ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон, намояндаи котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ иштирок ва суханронӣ карданд.**



Муовини раиси шаҳри Кӯлоб оид ба масъалаҳои иқтисодӣ С. Исмоилзода қайд кард, ки эълон гардидани саноатикунонии босуръат ҳадафи чоруми миллӣ, барои дастгирии соҳибкорон имкон медиҳад, ки баҳри пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар таъсиси корхонаҳои саноатӣ саҳми арзанда дошта бошанд. Мавсуф ҳамчунин, изҳор дошт, ки бо мақсади суръат бахшидан ба соҳаи саноат ва иқтисодиёт бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб минтақаи озоди иқтисодӣ дар майдони 309 га тасдиқ гардид, ки соҳибкорон метавонанд дар ин минтақаи озоди иқтисодӣ корхонаҳои хурду бузурги саноатиро баҳри беҳтар намудани соҳибкорӣ сохта ба истифода диҳанд.

Муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Муъминзода зикр кард, ки имрӯз соҳаи соҳибкорӣ дар қаламрави кишвар яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба шумор рафта, ҳамеша зери таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Бо мақсади дастгирӣ намудани соҳаи соҳибкорӣ аз ҷониби Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор имтиёзҳо дода шудааст. Соҳибкоронро зарур аст, ки аз имкониятҳои додашуда васеъ ва самаранок истифода намуда, баҳри пешбурди соҳаи соҳибкорӣ ва инчунин ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ саҳми арзандаи худро гузоранд.

Ёдовар мешавем, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019 таҳти №95 «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**ш. Кӯлоб**



АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

# АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ СОТСИАЛИЗМИ МУТАРАҚҚӢ ВА СОТСИАЛИЗМИ ПАСИН

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Нишондиҳандаи асосӣ барои баҳо додан ба фаъолияти муассисаву корхона фоида (даромад) буд. Дар хоҷагидории сотсиалистӣ фоида яке аз шаклҳои даромади софи ҷомеа мебошад. Дар ҳар як корхонаву иттиҳодия фоида, яъне даромаде буд, ки як қисмаш ба ихтиёри онҳо гузошта мешуд ва он ҷун фишанги иқтисодии таъсиррасонанда ба рафти истеҳсол хидмат мекард. Ба захираи марказии умумидавлатӣ танҳо як қисми он ба шакли пардохт ба захираҳо, пардохтҳои собит (рентӣ), боқимондаи озоди фоида ворид мегардид. Ҳама корхонаҳову иттиҳодияҳои самаранок фаъолиятмекардагӣ ба буҷети давлатӣ аз фоида маблағ месупориданд. Манбаи пардохтҳо ба буҷет даромади софи ҷомеа ба шумор мерафт.

Ба буҷети давлатӣ пардохтҳо аз фоидаи корхонаҳои давлатӣ дар шакли пардохт барои захираҳои асосии истеҳсолӣ ва маблағҳои меъёрии гардишӣ, пардохтҳои собит (рентӣ), боқимондаи озоди фоида, маблағгузаронӣ аз фоидаи корхонаҳо ва муассисаҳо, маблағгузаронӣ ба буҷет аз хароҷоти корҳои кофтукови маъданҳо (геологӣ) ворид мегардиданд.

Ба буҷет корхонаҳо ва муассисаҳое маблағ ворид мекарданд, ки агар дар тавозуни (баланси) даромаду хароҷоти онҳо фоида пешбинӣ шуда бошад. Гузаронидани маблағҳо ба захираҳо дар фоиз нисбат ба арзиши тавозуни захираҳои асосии истеҳсолӣ сурат мегирифт.

Маблағи пардохт барои захираҳои аз рӯи нақша барои сол ва ё давраи муайяни сол аз ҳисоби миёнаи арзиши захираҳои асосии истеҳсолӣ ва маблағҳои меъёрии гардишӣ ва меъёри пардохт ба шакли фоиз дар нисбати ин арзиш таъин мешуд. Ба захираҳои асосии истеҳсолӣ иншооту биноҳо, мошинҳои пурқувват, мошинҳои корӣ, таҷҳизот ва ғайра дохил мешаванд.

Меъёри пардохтро барои захираҳои корхонаҳову муассисаҳои дар тобеияти умумииттифоқибуда вазоратҳо ва идораҳои ИҶШС дар мувофиқа бо Вазорати молияи ИҶШС ва Госплани ИҶШС, барои корхонаҳои дар тобеияти ҷумҳурибударо вазоратҳову идораҳои ҷумҳурӣ дар мувофиқа бо Вазорати молия ва Комиссияи байниидоравии назди Госплани ҷумҳурии иттифоқӣ, барои корхонаҳои дар тобеияти вилоятӣ ва шаҳрибударо мақомоти молиявӣ пас аз мувофиқа таъин мекарданд ё тағйир медоданд. Меъёри пардохт барои захираҳо барои якчанд сол дар ҳаҷми 6 ё 3 % таъин мегардид. Мутобиқи тартиби амалкунанда пардохтҳо барои захираҳо баъзе имтиёзҳо доштанд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



## Гӯшмонаки “доно”, ки мусиқиро худаш интихоб мекунад

**Хадамоти мусиқавии онлайнӣ, ки метавонад афзалиятҳои шунавандаро муайян кунад, кайҳост, ки навоварӣ ҳисобида намешавад. Аммо чунин ғоя бар асоси дигар маҳсулоти нав - гӯшмонакҳои Aivvy Q вогузошта шуда буд.**

Хусусияти асосии онҳо, ин қобилияти муайян намудани мусиқии дӯстдоштаи истифодакунанда ва мустақилона барои он тартиб додани рӯйхати мусиқӣ хоҳад буд, менависад Onliner.

Тавре офарандагони Aivvy Q мегӯянд, он аввалин “плеери мусиқавии худомӯз” дар бозор махсуб меёбад. Он маҳз ҷун плеер истифода хоҳад шуд. Зеро навгонии мазкур метавонад бе смартфон ё планшет идора шавад. Модули Wi-Fi-и ба дастгоҳ насбшуда имконият медиҳад, ки гӯшмонакҳо бо хадамоти абрии Aivvy, ки барои интихоби бевосита ва ҷустуҷӯи мусиқӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳамоҳанг сохта шавад. Ҳамчунин, гӯшиҳо мусиқии дарёфтшударо барои шунидани офлайнӣ маҳфуз медоранд.

Дар баробари дорои хусусиятҳои зиёд будани гӯшмонакҳои «доно», ҳамчунин зикр мешавад, ки ҳангоми пӯшидан онҳо ба таври автоматӣ кор мекунанд, тач-панелҳо бо 32 ГБ хотираи дохилӣ, инчунин батареяи дарозмуддат, ки метавонад то 40 соат гӯш кардани мусиқӣ тоб орад, муҷаҳҳазанд.

# Суханони ҳакимона

Беҳтарин коре, ки падар барои фарзандаш анҷом медиҳад, дӯст доштани модари онҳост.

ххх

Ҳадяи аввалини модар барои фарзанд ҳаёт, дуюм муҳаббат ва сеюм маърифат аст.

ххх

Нафаре, ки ба дигарон ғолиб меояд, тавоност. Аммо нафаре, ки ба нафси худ ғолиб меояд, тавонотар аст.

ххх

Аз душмане, ки ошкоро ба ту ҳамла мекунад, натарс. Аз дӯсте битарс, ки туро фиребкорона дар оғӯш мегирад.

ххх

Зебоии ҳақиқӣ дар дили инсон ҷой дорад, дар чашмонаш намудор мешавад ва дар рафтораш маълум мегардад.

ххх

Агар касе мехоҳад сирри худро ба шумо биспорад, фирор кунед, зеро, бори сангинро бар души шумо бор карданист.



## Мавзее, ки шуҳрати сайёҳӣ дорад

Қалъаи Ҳисор аз таъриху фарҳанги бостону пурғановати шаҳрсозии водии Ҳисор ва умуман, мардуми тоҷик гувоҳӣ медиҳад. Он дар қисмати шимолу ғарбии шаҳри Душанбе қарор дошта, бозмонда аз ҳамон шаҳри Шумон аст. Аз макони бекнишин тамоми шаҳри Ҳисор чун дар кафи даст ба чашм мерасад. Роҷеъ ба пайдоиши қалъа ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Бештари сарчашмаҳо бунёди қалъаро ба аҳди подшоҳии Таҳмурас ишора мекунанд. Ин қалъа дар сари Роҳи Абрешим ҷой гирифта, дар равобити байни қавмҳову мамолики мухталиф хидмат карда, то кунун таваҷҷуҳи аҳли оламро ба худ мекашад. Дар тӯли таърих Қалъаи Ҳисор чанд маротиба ба харобазор табдил ёфтааст.

Бо даст ёфтан ба Истиқлолияти давлатӣ қалъаро ҳамчун мероси таърихиву фарҳангӣ обод намуданд. Дар ҷараёни барқарорсозӣ деворҳои атрофи қалъа, дарвозаю аркҳои он, чойхона бо 100 ҷойи нишаст, ҳавзи дохил, 6 айвон, сарбозхона, амфитеатр бо 700 ҷойи нишаст, 10 дукони гуногун барои ҳунармандон ва дигар иншооти дорои аҳамияти таърихӣ бунёд шуданд.

## Панди рӯзгор

Марде ҳамсарашро бисёр дӯст медошт. Дар бораи нуқси ноаёни чашмаш, ки модарзодӣ буд, суол намедод ва онро чандон муҳим намедонист. Ҳаргиз гумон намекард, ки рӯзе мерасаду оташи ишқу муҳаббаташ паст мешавад. Аммо, бо мурури замон, меҳри мард кам шудан гирифт ва рӯзе пурсид:

- Азизам, чашмат кай нуқс пайдо карда буд?

Ҳамсараш ҷавоб дод:

- Аз рӯзе, ки ба чашми ту афтод.

## «Пули тиллоӣ»

**Соли 2018 дар шаҳри Дананги Ветнам пули ғайриодие бунёд шуд, ки он дар як муддати кӯтоҳ диққати сайёҳони бешуморро ҷалб намуд.**

Ин иншооти нодир, ки «Пули тиллоӣ» ном гирифтааст, натанҳо меҳмонону сайёҳон, балки меъморони ҷаҳонро низ моту мабҳут кард. Майдони тамошобоби он дар баландии 1400 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шуда, дарозияш ба 150 метр мерасад. «Пули тиллоӣ» рӯи ҳайкали ду дасти сафеди азим ҷой гирифта, бо ҷилои зарфишон ва табиати нукрафонаш завқи тамошобинро бедор мекунад.



## ОЁ МЕДОНЕД?



Дар Олмон аълохонҳо баҳои 1 ва бадхонҳо баҳои 5 мегиранд.

**Одам ба ҳисоби миёна дар муддати 24 соат 4800 калимаро ба забон меорад.**

**Тақрибан 80%-и сайёраро об иҳота кардааст, аммо ҳамагӣ як фоизи он барои нӯшидан ба аҳолӣ иҷозат дода шудааст.**



Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мақсуди НЕЪМАТ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, биноии Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 74 829**